*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 110 (4850) | ЧОРШАНБЕ, 11 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# ИСТИҚЛОЛ БАРОИ МО ИЗЗАТУ ШАРАФИ ИНСОНӢ ВА НАНГУ НОМУСИ МИЛЛӢ МЕБОШАД



### Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тантанаи идона ба ифтихори 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**9-уми сентябри соли 2024, шаҳри Хуҷанд**

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини муҳтарам!**

Бо камоли ифтихору сарфарозӣ кулли мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла сокинони сарбаланди вилояти бостонии Суғдро ба ифтихори Ҷашни муқаддасу бузурги миллӣ - 33-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистони маҳбубамон, ки дар фазои сулҳу суботи комили кишварамон таҷлил мегардад, бори дигар самимона табрик мегӯям.

Ба ҳамаи ҳамватанони азиз, аз ҷумла сокинони вилояти Суғд ва ҳамаи шумо – ҳозирини гиромӣ тандурустӣ, саодатмандиву пирӯзӣ ва дар роҳи амалӣ намудани нақшаву ниятҳои созандаву ободгарона комёбиҳои рӯзафзун орзу менамоям.

Сию се сол қабл аз ин мардуми Тоҷикистон аз баракати ин рӯйдоди бузурги таърихӣ, яъне истиқлолу озодӣ тақдири хешро ба дасти худ гирифтанд ва ба эъмори давлатдории миллии худ оғоз карданд.

Тоҷикистон ба шарофати истиқлол аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати соҳибихтиёри демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ эътироф гардид ва ба узвияти кулли созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пазируфта шуд.

Вале дар оғози соҳибистиқлолӣ кишвари азизи мо ба зарбаи даҳшатбори тақдир – ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор гардида, хатари пароканда гардидани миллати тоҷик ва аз байн рафтани давлати тоҷикон ба масъалаи ҳаёту мамот табдил ёфта буд.

Танҳо бо азму иродаи қавӣ ва дастгириву пуштибонии мардуми шарафманди кишвар ба мо муяссар шуд, ки оташи ҷангро хомӯш кунем, мардуми парешоншударо сарҷамъ созем, ҳастии давлати ҷавонамон ва истиқлолу озодии онро ҳифз намоем.

Истиқлол барои мо иззату шарафи инсонӣ, нангу номуси миллӣ ва гузашта аз ин, бузургтарин дастовард ва муқаддастарин неъмат мебошад. Боиси қаноатмандиву сарфарозист, ки шаҳрвандони мамлакат ҳар як ҷашни милливу давлатии худ, хусусан ҷашни истиқлолу озодии Ватани маҳбуби хешро бо заҳмати созанда ва дастовардҳои арзанда истиқбол менамоянд.

Сокинони заҳматқарини вилояти Суғд – ин диёри бостониву аз лиҳози истеҳсолоти саноатӣ тараққикарда низ то имрӯз иқдомҳои бузурги созандагиву ободониро амалӣ намудаанд.

Тибқи нақша дар вилоят то Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бунёд ва таъмиру азнавсозии 12 ҳазор иншооти истеҳсоливу иҷтимоӣ пешбинӣ гардида, ба ҳолати 1-уми августи соли 2024 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бунёду таҷдиди 6700 иншоот ба анҷом расонида шудааст, ки қариб 58 фоизи нақшаи пешбинишударо ташкил медиҳад.

Бо истифода аз фурсат ба кулли мардуми ободкори вилоят, аз ҷумла ба соҳибкорони ватандӯсту ташаббускор ва шахсони саховатпешаву хайрхоҳ барои иқдомоти созандаашон ба хотири ободии Ватани азизамон – Тоҷикистон миннатдорӣ баён менамоям.

Имрӯз мардуми сарбаланди Тоҷикистон зери парчами истиқлолу озодӣ, яъне парчами нангу номуси миллӣ ва дар атрофи сиёсати созандаву ободгаронаи Ҳукумати мамлакат муттаҳиду сарҷамъ гардида, дар ҷодаи тақвият бахшидани пояҳои давлати соҳибихтиёри худ ва фароҳам овардани зиндагии муносибу шоистаи ҳар як хонадони мамлакат бо қадамҳои устувор пеш мераванд. Вале фаромӯш набояд кард, ки роҳи расидан ба чунин рӯзҳои осуда ва дастоварду пешравиҳои имрӯза чандон ҳамвору осон набуд.

Тайи 33 соли соҳибистиқлолии давлатӣ мардуми кишвар рӯзҳои ниҳоят сахту сангин ва душвориҳои зиёди сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавиро аз сар гузаронидаанд ва ҳоло ба шукронаи сулҳу суботи комили мамлакат содиқона заҳмат мекашанд.




Дар замони соҳибистиқлолӣ афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии вилоят мунтазам таъмин гардида, дар соли 2023 ба беш аз 35 миллиард сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба соли 2000-ум 72 баробар зиёд мебошад. Танҳо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ин давра 15 баробар афзоиш ёфтааст.

Ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар вилоят бунёди зиёда аз 700 корхонаву коргоҳи нави саноатӣ бо зиёда аз 14 ҳазор ҷойи нави корӣ ба нақша гирифта шудааст.

Тибқи нақша дар соли 2024 ба истифода додани 140 корхонаву коргоҳи саноатӣ пешбинӣ гардида, дар ҳафт моҳи соли 2024-ум 106 корхонаву коргоҳи нав ба фаъолият оғоз кардааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ кишоварзони вилояти Суғд дар таъмин намудани бозори истеъмолии кишвар бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, яъне таъмини амнияти озуқаворӣ, саҳми назаррас гузоштаанд ва соли 2023 ҳаҷми маҳсулоти кишоварзиро ба 19 миллиард сомонӣ расонидаанд, ки дар муқоиса бо соли 1991-ум 7,3 баробар зиёд мебошад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ бо татбиқи якчанд лоиҳаи бузургҳаҷм, аз ҷумла бунёди хатҳои интиқоли барқи баландшиддати Ҷануб – Шимол, Гулистон – Ашт ва лоиҳаҳои бузурги таҷдиди роҳҳои мошингард орзуи деринаи сокинони вилоят, яъне пайвастшавӣ бо марказ ва ҷануби кишвар дар чор фасли сол ва дастрасии доимӣ ба неруи барқи худӣ амалӣ гардид. Яъне, бо амалӣ гардидани ин лоиҳаи бузург вилояти Суғд ба низоми ягонаи энергетикии мамлакат пайваст шуд.

Бунёди шоҳроҳҳои байналмилалии Душанбе - Хуҷанд - Бӯстон - Чанок ва сохтмони нақбҳои «Истиқлол» ва «Шаҳристон» ба масофаи 354 километр ва роҳи мошингарди Айнӣ - Панҷакент бо дарозии 113 километр аз ҷумлаи иқдомоти бузурги амалинамудаи Ҳукумати мамлакат буданд, ки ба рушди ҳамаҷонибаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд такони ҷиддӣ бахшиданд.

Аз ҷумла, рафтуомади бехатари мусофирон ва интиқоли бемамониати молу маҳсулот аз вилоят ба дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ва кишварҳои хориҷӣ дар чор фасли сол таъмин гардид. Ҳоло дар ин самт боз як лоиҳаи муҳим - таҷдиди роҳи мошингарди Деҳмой - Конибодом - Исфара босуръат идома дорад.

Қобили зикр аст, ки дар натиҷаи роҳандозӣ гардидани раванди созандагиву ободонӣ имрӯз симои ҳамаи 18 шаҳру ноҳияи вилоят куллан дигаргун гардида, тарҳи зебову замонавӣ гирифтааст. Умуман, тайи даврони соҳибистиқлолӣ дар доираи татбиқи зиёда аз 75 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар вилояти Суғд беш аз 13 миллиард сомонӣ аз худ карда шудааст.

Ҳоло дар вилоят боз 18 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ гардида истодааст, ки маблағи умумии дар доираи онҳо то имрӯз азхудшуда зиёда аз 2 миллиарду 200 миллион сомониро ташкил медиҳад. Дар ин раванд, маблағгузорӣ ба соҳаҳои маорифи вилоят аз соли 2010 то соли 2023-юм 6,6 баробар ва ба соҳаи тандурустӣ 7,5 баробар афзудааст.

Бо дастгириву ғамхориҳои давлат тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар вилоят 609 иншооти соҳаи маориф барои беш аз 101 ҳазор хонанда ва 500 иншооти соҳаи тандурустӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Пешравиҳое, ки вилояти Суғд дар зарфи беш аз сӣ соли охир ба даст овардааст, натиҷаи амалӣ гардидани нақшаву барномаҳои созандаи Ҳукумати мамлакат, самараи истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар кишвари азизамон ва заҳмати аҳлонаи мардум мебошанд.

Дар баробари ин, бори дигар таъкид менамоям, ки вилояти Суғд дорои имконияту захираҳои бузурги то ҳанӯз истифоданашуда мебошад ва истифодаи самараноки онҳо ба хотири боз ҳам вусъат додани рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии шаҳру ноҳияҳои вилоят аз кору фаъолияти содиқонаи тамоми роҳбарону фаъолон ва азму талоши созандаи ҳар як сокини вилоят вобастагии мустақим дорад.

Ман ба мардуми шарафманди вилояти Суғд, аз ҷумла соҳибкорони ватандӯсти он муроҷиат мекунам, ки мо бояд боз ҳам бештар кор кунем, заҳмат кашем ва ҳар иқдоме, ки пеш мегирем, даҳсолаву садсолаҳоро дар назар дошта бошем, яъне барои ояндаи ободи Ватан ва наслҳои фардои он таҳкурсии мустаҳкам гузорем.

Фаромӯш набояд кард, ки Ватан аз мост ва тамоми масъалаву мушкилоти онро мо худамон бо заҳмати аҳлонаву содиқона бартараф месозем. Мо бояд ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла соҳаи саноат, коркарди маҳсулот ва содироти онро рушд диҳем, дар шароити пурҳаводису мураккаби ҷаҳон барои ҳамватанонамон ҳар чӣ бештар ҷойи кор муҳайё намоем.

Чунонки дар суханронии худ ба муносибати Рӯзи дониш гуфтам, ба таълиму тарбияи фарзандон, ки ояндаи мову шумо мебошанд, омода кардани кадрҳои баландихтисос ва мутахассисони замони нав эътибори аввалиндараҷа диҳем ва барои онҳо шароити беҳтарин муҳайё намоем.

Ба тамоми роҳбарону масъулон ва фаъолони шаҳру ноҳияҳо, шаҳраку ҷамоатҳо такроран хотиррасон менамоям, ки тозагиву ободӣ аз хонаву кошонаи ҳар яки мо, аз маҳалли зист, кӯчаву хиёбон, шаҳраку деҳа ва шаҳру ноҳияи ҳар яки мо сар мешавад. Мардумро ба ободкориву созандагӣ сафарбар кунед ва дар ин ҷода худатон ташаббускору пешсаф бошед.

Бовар дорам, ки сокинони сарбаланди вилоят ба шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ва сулҳу суботи комили Тоҷикистони маҳбубамон чун ҳарвақта софдилона заҳмат кашида, дар ободии Ватан, пешрафти давлат ва боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии ҳар як оила саҳми арзишманд мегузоранд.

Бори дигар тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, сокинони меҳмоннавозу шарафманди вилояти Суғд ва ҳамаи шумо – ҳозирини арҷмандро ба ифтихори 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Тоҷикистон самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадони сокинони вилоят саломативу саодатмандӣ, сулҳу оромӣ ва файзу баракат орзу менамоям.

**Ҳамеша хушбахту хонаобод бошед, ҳамдиёрони азиз!**

# ТАБРИКОТИ

## роҳбарони кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва шахсиятҳои маъруф ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар иртибот ба Рӯзи Истиқлоли давлатӣ аз номи роҳбарони шарикони байналмилалии кишвари мо унвонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон паёмҳо ва барқияҳои шодбошӣ ворид гардидаанд, ки дар онҳо бо арзи ғояти эҳтиром ба Сарвари давлати мо ва таманниёти нек ба мардуми Тоҷикистон аз ҷумла навишта шудааст:**



**«Ҷаноби оқои Эмомалӣ Раҳмон,**
**Президенти муҳтарами Ҷумҳурии Тоҷикистон,**

Табрикоти самимонаамро ба муносибати фаро расидани солгарди Истиқлоли кишвари дӯст, бародар ва ҳамзабони Ҷумҳурии Тоҷикистон пазиро бошед.

Густариши муносибатҳо ва ҳамкорӣ бо кишварҳои минтақа, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷойгоҳи аввали сиёсати хориҷии Давлати чаҳордаҳуми Ҷумҳурии Исломии Эрон қарор дорад ва итминон дорам, ки равобити асосёфта бар эҳтироми мутақобил ба нафъи мардуми ҳар ду кишвар беш аз гузашта тақвияту густариш хоҳад ёфт.

Аз Худованди мутаол саломатӣ ва муваффақияти Ҷаноби Олӣ ва тадовуми рушд ва пешрафти мардуми азизи Ҷумҳурии Тоҷикистонро орзумандам».

***Масъуд Пизишкиён, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон***

* * *



**«Муҳтарам Президент, дӯсти азизам,**

Ба муносибати Рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ ва мардуми дӯсти Тоҷикистонро шахсан аз номи худам ва аз номи миллатам аз таҳти дил муборакбод мегӯям.

Муносибатҳои мустаҳками ҳар ду кишвар бар пояи пайвандҳои таърихӣ ва фарҳангӣ байни мардумонамон асос ёфтаанд ва мо Тоҷикистонро ҳамчун дӯсти дерина ва шарики муҳим дар Осиёи Марказӣ мешуморем.

Бар он боварам, ки равобити наздик ва дӯстонаи байни ҳар ду кишвар, ки аз арзишҳои муштарак неру мегиранд, бо талошҳои якҷоя боз ҳам равнақ ёфта, самту паҳлуҳои навро фаро хоҳанд гирифт.

Бо истифода аз фурсат беҳтарин таманниёти хешро барои тансиҳативу шодкомии Ҷаноби Олӣ ва беҳбудиву осудаҳолии мардуми Тоҷикистон ирсол менамоям».

***Реҷеп Тайип Эрдоған, Президенти Ҷумҳурии Туркия***

* * *



**«Ҷаноби Олӣ,**

Аз номи Ҳукумат ва мардуми Ҳиндустон ва аз номи худам ба Шумо, Ҷаноби Олӣ ва ба мардуми дӯсти Ҷумҳурии Тоҷикистон табрикоти гарму таманниёти неки инҷонибро ба муносибати 33-юмин солгарди Рӯзи Истиқлоли давлатии Тоҷикистон иброз менамоям.

Ҳиндустон ва Тоҷикистон равобити амиқи фарҳангӣ, забонӣ ва тамаддунӣ доранд. Риштаҳои зичи дӯстӣ ва боварии байни халқҳоямон асоси қавии ҳамкории байни давлатҳои моро ташкил медиҳанд.

Бо истифода аз ин фурсат ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, беҳтарин таманниёти некуаҳволӣ ва ба мардуми дӯсти Тоҷикистон пешрафту шукуфоӣ ва сулҳу субот таманно дорам».

**Президенти Ҷумҳурии Ҳиндустон Драупадӣ Мурму**

* * *



**«Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**

Боиси камоли сарфарозӣ ва хушҳолии инҷониб аст, ки ба Ҷаноби Олӣ табрикоти самимона ва беҳтарин таманниётро ба муносибати Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон арз намоям. Ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, саломатии бардавом ва саодатмандӣ, ба Ҳукумат ва мардуми дӯсти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешрафти минбаъда ва шукуфоӣ хоҳонам.

Лутфан, табрикоти самимона ва қадрдонии моро бипазиред».

***Шайх Муҳаммад бин Заид Ал-Наҳйян, Президенти Аморати Муттаҳидаи Араб***

* * *



**«Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**

Мехоҳам ба Ҷаноби Олӣ ва ба мардуми дӯсти Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруди самимӣ ва орзуҳои неки худро ба муносибати ҷашни Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ расонам.

Миср муносибатҳои ҳасанаи худро бо Тоҷикистон, ки дар тӯли солҳо густариш ёфтаанд, хеле қадр мекунад. Боварии комил дорам, ки мо метавонем тавассути кори муштарак ҳамоҳангии доимии худро боз ҳам тақвият бахшем ва робитаҳои дуҷонибаро ба сатҳи нави ҳамкории мутақобилан судманд дар соҳаҳои гуногун ба нафъи кишварҳоямон бардорем.

Аз ин фурсат истифода бурда, ба Ҷаноби Олӣ саломатӣ, хушбахтию муваффақиятҳои бардавом ва ба мардуми дӯсти тоҷик пешрафту шукуфоии минбаъда орзу менамоям».

***Абдулфаттоҳ Ас-Сисӣ, Президенти Ҷумҳурии Арабии Миср***

* * *



**«Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**

Бо камоли хушнудӣ аз номи Шурои федералии Швейтсария ва мардуми Швейтсария ба Шумо ва шаҳрвандони Тоҷикистон табрикоти гарму самимии худро ба муносибати Рӯзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мерасонам. Ман, инчунин, орзуҳои беҳтаринамро барои ояндаи муваффақи кишвари Шумо ва шаҳрвандони он ирсол менамоям.

Эҳтиром ба ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи инсон ва принсипҳои умумибашарӣ, ки дар Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид сабт шудаанд, беҳтарин қутбнамои мо дар талош ба сӯи ҷаҳони саршори сулҳу шукуфоӣ боқӣ мемонад.

Ман аз он хушнудам, ки ду кишвари мо чунин муносибатҳои некро идома медиҳанд ва бовар дорам, ки мо метавонем дар солҳои оянда низ онро рушд диҳем ва амиқтар гардонем. Швейтсария ҳамкориро дар ниҳодҳои молиявии Бреттон-Вудс қадр мекунад ва аз мақомоти Тоҷикистон барои баргузории ҷаласаи ҳавзаҳои интихоботӣ дар моҳи июли соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе изҳори сипос менамояд.

Ман, инчунин, мехоҳам ба Шумо барои паёми шодбошиатон ба муносибати Рӯзи миллии Швейтсария миннатдорӣ баён кунам.

Хоҳишмандам Ҷаноби Олӣ, таҷдиди ғояти эҳтироми маро бипазиред».

***Хонум Виола Амҳерд, Президенти Конфедератсияи Швейтсария***

* * *



**«Муҳтарам Ҷаноби Президент!**

Аз номи шаҳрвандони Ҷумҳурии Сербия ва шахсан аз номи худам бо беҳтарин таманниёти шукуфоӣ ба кишвари Шумо ва некуаҳволии шаҳрвандони он ба Шумо табрикоти самимии худро ба ифтихори Рӯзи Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамоям.

Бовар дорам, ки дар такя ба муносибатҳои анъанавии дӯстона, мо ба рушди минбаъдаи ҳамкории дуҷонибаи миёни Ҷумҳурии Сербия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн мусоидат хоҳем кард.

Ин фурсатро ғанимат шумурда, барои дастгирии усулии нигоҳ доштани соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Сербия аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баёнгари ҷонибдории кишвари Шумо аз усулҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ ва муносибатҳои самимонаи миёни ду кишвари мо мебошад, изҳори сипос менамоям.

Муҳтарам Ҷаноби Президент, изҳори эҳтироми хосаи маро бипазиред».

***Президенти Ҷумҳурии Сербия Александар Вучич***

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# ТАШРИФИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА СУҒД

**8-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Ашт ташриф оварда, дар деҳоти Ошоба бо фаъолияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Рахшона», ки парвариши моҳиро дар ҳавзҳои суперинтенсивӣ ба роҳ мондааст, шинос шуданд.**



Гуфта шуд, ки аз соли 2018 инҷониб дар деҳоти Ошобаи ноҳияи Ашт бо таваҷҷуҳ ба дастгириҳои Ҳукумати кишвар, хусусан пешниҳоди имтиёз ва сабукиҳо, муассисони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Рахшона» дар масоҳати зиёда аз 70 гектар заминҳои ғайрикишоварзӣ 22 ҳавзи парвариши моҳӣ ташкил намуданд. Ҳоло дар ин ҳавзҳо зиёда аз 300 ҳазор моҳӣ, ба монанди амури сафед, пешонапаҳн ва зағорамоҳӣ, парвариш меёбад.

Ин тадбир аз иқдомҳои муҳим дар самти амалишавии «Барномаи давлатии рушди соҳаи моҳипарварӣ» ҳисоб ёфта, барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти худӣ мусоидат мекунад.

Хоҷагидорони ҷамъият бо мақсади рушди соҳа ва таъмини бозори дохилӣ бо гӯшти парҳезӣ дар ин мавзеъ бори аввал парвариши моҳиро дар ҳавзҳои суперинтенсивӣ ба роҳ монданд. Бо чунин тарз ба роҳ мондани парвариши моҳӣ ба хоҷагидорон манфиати бештар меорад, зеро дар як гектар ҳавзи суперинтенсивӣ имкони парвариши зиёда аз 10 ҳазор моҳӣ мавҷуд аст. Дар ҳавзи муқаррарӣ бошад, дар ҳамин масоҳат метавон ҳамагӣ 2,5 ҳазор моҳӣ парвариш намуд.

Масоҳати умумии ҳавзҳои суперинтенсивии хоҷагии моҳипарварии «Рахшона» 10 гектар буда, айни ҳол дар ин масоҳат бештар аз 100 ҳазор моҳӣ парвариш карда мешавад ва интизор меравад, ки натиҷаи хуб ба бор орад. Даромад аз фурӯши моҳӣ як роҳи ғанӣ гардонидани буҷаи хоҷагиҳо ва беҳтар кардани шароити иқтисодию иҷтимоии кормандони соҳа мебошад.

Дар давоми солҳои 2019-2023 коргарони хоҷагӣ 1 ҳазору 200 тонна гӯшти моҳӣ истеҳсол намудаанд. Дар соли равон бошад, бо амалӣ намудани тадбирҳои зарурӣ ҳаҷми истеҳсоли моҳӣ ба 600 тонна расонида мешавад.

Гуфтан бамаврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси Президенти кишвар «Барномаи давлатии рушди соҳаи моҳипарварӣ» қабул ва мавриди амал қарор дорад. Зимни шиносоӣ бо фаъолияти хоҷагии моҳипарварии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Рахшона» иттилоъ дода шуд, ки оянда дар ин мавзеи хушобу ҳавои ноҳияи Ашт коргоҳи бандубасти моҳӣ низ бунёд карда мешавад. Бо таъсиси коргоҳи бандубасти моҳӣ чандин нафар сокини маҳаллӣ бо кор таъмин гардида, ба бозор асосан маҳсулоти



тайёр пешниҳод карда мешавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти вилояти Суғд ва ноҳияи Ашт ҷиҳати боз ҳам рушд бахшидани соҳаи моҳипарварӣ, ки аз бахши сердаромади иқтисоди миллӣ ба шумор меравад, дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Масъулони ҷамъият иброз доштанд, ки ҳавзҳои моҳипарварӣ барои рушди сайёҳии моҳидорӣ низ бо хизматрасонии муносиб омода мебошанд. Дар ҳудуди Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Рахшона» ба ғайр аз ҳавзҳои моҳипарварӣ зиёда аз 1000 гектар замини корам ва бештар аз 150 гектар боғи хуч, зардолу, биҳӣ, ангур ва анор мавҷуд аст.

Дар давоми солҳои 2018-2024 аз тарафи ҷамъияти мазкур дар мавзеи Ҳафттеппаи деҳоти Ошобаи ноҳияи Ашт 160 гектар замини дар истеҳсолоти кишоварзӣ истифоданашаванда ва чорогоҳҳо аз худ карда шуда, ҳамасола аз ҳисоби кишту парвариши зироати пахта, гандум ва хӯроки чорво даромаднокии кишоварзон бештар мегардад.

**8-уми сентябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар ноҳияи Ашт корхонаи парандапарварӣ ва фермаи чорвопарварии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Рахшона»-ро дар деҳоти Ошоба баъди навсозӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Корхонаи мазкур аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Манзуралӣ Маҳмадҷонов сохта шудааст. Корҳои таҷдиду барқарорсозии ин ду иншоот моҳи январи соли 2024 оғоз гардида, аз ҷониби Ширкати сохтмонии «Рахшона» бо сифати баланд ва дар муҳлати муқарраргардида анҷом дода шуд. Масоҳати умумии корхона 86 ҳазору 808 метри мурабба ъро ташкил медиҳад.

Зимни шиносоӣ бо шароит ва имкониятҳои иншоот ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълумот доданд, ки дар фабрика парвариши мурғи бройлерӣ барои гӯшт ба роҳ монда шудааст. Шароити нигоҳубини паранда ба талаботи санитарию эпидемиологӣ ва бехатарии озуқа ҷавобгӯ мебошад.

Барои навсозӣ ва таҷҳизонидани фабрика бо дастгоҳҳои муосири соҳа 1 миллиону 853 ҳазор сомонӣ харҷ гардида, дастгоҳҳои зарурии он аз Ҷумҳурии Мардумии Чин харидорӣ шудааст.

Усули парвариши паранда дар корхонаи мазкур, аз ҷумла таъмин бо обу ғизо дар вақти муайянгардида таҷрибаи замонавӣ мебошад, ки аз чанд лиҳоз манфиатовар аст. Аз ҷумла, дар сарфаи вақт, кам талаф ёфтани ғизои паранда ва бехатарии он таъсири мусбат мерасонад.

Ба роҳ мондани чунин тарзи корбарӣ бо истифода аз дастгоҳҳои муосир корро осон намуда, ғизонокии маҳсулотро баланд мебардорад. То имрӯз дар корхона зиёда аз 40 ҳазор паранда нигоҳубин шуда, барои гӯшт марҳила ба марҳила ба ширкати «Далерон» интиқол дода мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулинро ҷиҳати истифодаи самараноки шароити корхона ва барои дар оянда идома додани чунин иқдомҳои созанда дастуру ҳидоятҳо доданд. Дар корхонаи мазкур чорвои калони ширдеҳ нигоҳубин шуда, ҳамарӯза наздики 200 литр шир аз он ба корхонаҳои коркарди ҷамъият равон карда мешавад. Чорвое, ки дар ин ферма нигоҳубин мешавад, навъи зоти алои тоҷикӣ буда, модагови он то 450 кг вазн дорад. Дар корхонаи мазкур барои дуруст нигоҳубин намудани чорво шароити хуб фароҳам оварда шудааст.

Бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани корхонаи мазкур зиёда аз 20 нафар сокину мутахассиси маҳаллӣ бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардидаанд. Ҳамарӯза бо истифода аз маҳсулоти корхонаи мазкур қаймоқ, ҷурғот, равғани зард ва қурут истеҳсол карда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ ва суҳбат бо масъулин иброз доштанд, ки бо зиёд шудани талаботи сокинон ба маҳсулоти гӯштӣ бунёди чунин фермаҳо дар шаҳру ноҳияҳои кишвар муҳиму саривақтӣ мебошад ва ин омил дар устувории иқтисодиёти миллӣ, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти парҳезӣ ва дастрасӣ ба он таъсири мусбӣ мерасонад.

Ҳамин аст, ки ба хотири рушди соҳаи чорводорӣ ва парандапарварӣ дар кишвар тадбирҳои муҳим амалӣ шуда, соҳибкороне, ки ба рушди соҳа таваҷҷуҳ доранд, ҳамаҷониба дастгирӣ меёбанд.

Дар оянда ҷамъият нақша дорад, дар ҳудуди корхона боз биноҳои нав барои корхонаи парандапарварӣ бунёд ва истеҳсоли гӯшти парандаро афзун намуда, дар таъмини сокинон бо кори доимӣ саҳмгузор бошад.

**8-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар ноҳияи Ашт бо фаъолияти хоҷагии деҳқонии «Абдуҷаббор» шинос шуданд.**

Хоҷагии деҳқонии «Абдуҷаббор» дар масоҳати 7,43 га бунёд гардида, дар он 3,43 гектарро дарахтони зардолуи навъҳои «мирсанҷалӣ», «кадухурмоӣ» ва «бобоӣ» ташкил медиҳад. Инчунин, дар масоҳати 4 га замин 2660 бех гелоси навъҳои «дили кафтар», «волевой», инчунин, «скинен», ки аз хориҷи кишвар ворид гардидааст, шинонида шуда, бо усули интенсивӣ парвариш карда мешавад.

Айни замон дар хоҷагии мазкур 15 нафар сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин буда, дар вақти ҷамъоварии ҳосил 50 нафари дигар ба корҳои саҳроӣ ҷалб карда мешаванд.

Лозим ба зикр аст, ки хоҷагии мазкур обёрии заминҳоро ба тарзи қатрагӣ ба роҳ мондааст ва он имкон медиҳад, ки харҷи барзиёди об, хароҷоти зиёди қувваи корӣ ва нуриҳои минералӣ коҳиш ёбад ва ҳам замин аз шӯршавӣ эмин монад.

Ба Сарвари давлат иттилоъ дода шуд, ки ғунҷоиши ҳавзи захираи оби хоҷагӣ 1550 кубро ташкил медиҳад ва тавассути пойгоҳҳои обкашии барқӣ аз 2 чоҳи амудӣ ва оби дарё дар муддати даҳ соат пур гардида, бо он метавон 10 гектар заминро дар муддати се соат обёрӣ намуд.

Нуқтаи алоҳидаи таъминоти барқӣ барои боз ҳам ҷоннок ба роҳ мондани фаъолияти пурсамари корӣ мусоидат мекунад.

Барои бамаврид ва самаранок истифода шудани замин саҳмдорон дар байни қатори дарахтон зироаткориро ба роҳ мондаанд. Бо мақсади пурқувват намудани замин, инчунин, ба даст овардани ҳосили дилхоҳ дар кишти аввал хӯроки чорвои навъи рапс кишт ва ҷамъоварӣ карда шуд.

Айни замон дар кишти такрорӣ парвариши тарбуз, харбуза, мош, лӯбиё, қаламфури булғорӣ, шалғам, райҳон ва дигар навъи сабзавот ба роҳ монда шуда, хоҷагидорон бо истифода аз таҷрибаи пешқадам ва риояи қоидаҳои агротехникӣ ҳосили назаррас ба даст меоранд.

Баъди боздид ва шиносоӣ Президенти кишвар дар ҳамин ҷо аз намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва маҳсулоти хушсифату аз ҷиҳати экологӣ тозаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва алоҳидаи ҳудуди ноҳия дидан намуданд. Дар намоишгоҳ аҳли заҳмат дастранҷи худро, ки бо шаклҳои гуногун ба маъраз гузошта шуда буд, муаррифӣ намуданд.

Ёдовар мешавем, ки ноҳияи Ашт бо имконоти хуби ҷуғрофӣ, инчунин, обу ҳавои мутобиқ барои парвариши ҳама гуна навъҳои зардолу мусоид аст ва дар хоҷагиҳои деҳқонии ҳудуди ноҳия намудҳои гуногуни он парвариш меёбад.

Зардолуи хуштаъми ин минтақа дар бозори ҷаҳонӣ талабгорони зиёд дорад ва дар намоишгоҳи имрӯза он дар шаклҳои тару тоза, хушкшуда, консервашуда ва дигар навъҳо пешниҳод гардид.

Дар қисми дигари намоиш маҳсули дасти оҳангарон, ҳунари нонпазии кадбонуҳо ва як қатор ҳунарҳои мардумӣ, ки аз рушди ҳунару ҳунармандӣ дар ин ноҳияи дурдаст дарак медиҳад, ба маъраз гузошта шуда буд.

Сарвари давлат зимни шиносоӣ бо дастовардҳои хоҷагидорон ба фаъолияти назарраси онҳо баҳои баланд дода, ҷиҳати боз ҳам самаранок истифода намудани замин, ки кафили таъмини амнияти озуқаворӣ буда, дар шароити кунунӣ саривақтист, дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

**8-уми сентябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ ба ноҳияи Ашт дар корхонаи ресандагии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Саноати Ашт» бо 100 нафар ятим аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд мулоқоти самимӣ анҷом дода, ба онҳо тӯҳфаҳои идона тақдим намуданд.**

Тӯҳфаҳои Пешвои миллат аз сарулибос, лавозимоти хониш ва маблағҳои пулӣ иборат буд. Тавре иттилоъ дода шуд, имрӯз дар вилояти Суғд 321 нафар ятими кулл ба қайд гирифта шудааст, ки 173 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронӣ ятимонро ба муносибати Ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатӣ табрику таҳният гуфта, аз дастгириҳои ҳамешагии Ҳукумати кишвар нисбат ба онҳо ёдовар шуданд.

Таъкид гардид, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҷиҳати дастгирӣ ва соҳибкасб гардонидани кӯдакону наврасоне, ки бо амри тақдир бепарастор мондаанд, тадбирҳои муҳимро амалӣ менамояд, то онҳо роҳи зиндагии худро пайдо намуда, дар оянда ҳамчун мутахассисони варзида дар пешрафти соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ ва ободии диёр саҳмгузор бошанд.



Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбати самимӣ наврасонро ба омӯзиши илму донишҳои муосир, забономӯзӣ, аз худ намудани касбу ҳунар, дӯст доштани Ватан ва эҳтирому арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ ҳидоят намуданд.

Кӯдакону наврасон барои ғамхориҳои падарона ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миннатдории самимӣ баён намуда, қавл доданд, ки мактабро бо баҳои хубу аъло хатм мекунанд ва оянда ҳамчун мутахассисони варзида дар рушду пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми назарраси худро мегузоранд.

Дар ҷойи мулоқот барои болидахотирии ятимон, ҳамчунин, дастурхони идона ороста шуда, барномаи рангини фарҳангӣ пешниҳод карда шуд.

Дарвоқеъ, ятимону бепарасторон таҳти ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи хосаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд ва ба муҳайё намудани шароити хуби таълиму тарбия ва роҳнамоии онҳо ба ҳаёти мустақил пайваста таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад.

**8-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ дар ноҳияи Ашт ба фаъолияти корхонаи ресандагии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Саноати Ашт» расман оғоз бахшиданд.**

Корхонаи ресандагӣ нахустин корхонаи ширкати «Саноати Ашт» мебошад, ки бо саҳму иқдоми соҳибкорони ватанӣ Зайналобидин Махсудҷонов ва Манзуралӣ Мамадҷонов бо мақсади коркарди нахи пахта, истеҳсоли маҳсулоти нимтайёру ниҳоӣ ва бунёди ҷойҳои корӣ таъсис дода шудааст.

Таъсису фаъолияти коргоҳу корхонаҳои нав дар афзун намудани маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ, рушди иқтисоди миллӣ, ҳалли масоили иҷтимоӣ, аз ҷумла фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, нақши муҳим доранд.

Ба Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки корхонаи ресандагӣ бо харҷи 64 миллион сомонӣ сармояи дохилӣ бо бунёди иншооти истеҳсолию инфрасохтори саноати сабук, вориду насби дастгоҳу таҷҳизоти муосир таъсис дода шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми соҳибкорон ва мутахассисони ширкати «Саноати Ашт»-ро дар таъсиси ин корхонаҳои саноатӣ, ки саҳмгузорӣ дар татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар ва истиқболи арзанда аз Ҷашни фархундаи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, шоиста арзёбӣ намуданд.

Дар корхонаи навтаъсис коркарди нахи пахта ва истеҳсоли ришта бо технологияи пешрафта ба роҳ монда шудааст. Таҷҳизоти технологӣ сохти ширкати «Рифа»-и давлати Италия, технологияи нави соҳа мебошад. Иқтидори истеҳсолии солонаи корхона коркарди зиёда аз 5 ҳазор тонна нахи пахта ва истеҳсоли ришта аз он мебошад.

Бо фаъолияти корхонаи ресандагӣ беш аз 400 нафар сокини деҳоти ноҳияи Ашт бо кори доимии баландмузд таъмин гардиданд, ки аксари коргарону мутахассисонро занону духтарон ташкил медиҳанд.

Коркарди нахи пахта, истеҳсоли маҳсулоти нимтайёру ниҳоӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҳукумати кишвар ва бахши муҳими ҳадафи стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар маҳсуб меёбад.

Истеҳсоли маҳсулоти ресандагӣ, бофандагӣ ва маҳсулоти ниҳоӣ – дӯзандагӣ омили афзун гардидани ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти соҳаи саноати сабук ва манфиат ба иқтисоди миллист.

Дар ноҳияи Ашти вилояти Суғд баҳри иҷрои барномаҳои Ҳукумати кишвар оид ба рушди пахтакорӣ чорабиниҳо амалӣ гардида, тайи солҳои охир ҳаҷми истеҳсоли пахта зиёд карда шудааст. Истеҳсоли солонаи пахта дар ноҳия ба 15 - 16 ҳазор тонна ва нахи пахта ба зиёда аз 6 ҳазор тонна расидааст. Ноҳияи Ашти вилояти Суғд минтақаи рушдёбандаи аграрию саноатӣ маҳсуб меёбад.

Бо таваҷҷуҳи доимии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати кишвар ноҳияи Ашт давоми солҳои соҳибистиқлолӣ тараққӣ ёфта, баҳри рушди минбаъда дар ноҳия имконияту иқтидорҳо зиёд мешаванд.

Дар асоси барномаҳои давлатӣ ва иқдомҳои соҳибкорону сармоягузорон дар ноҳия лоиҳаҳои нав тарҳрезӣ ва татбиқу амалӣ карда мешаванд.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон панҷ лоиҳаи рушди ноҳияи Ашт пешниҳоду муаррифӣ гардид. Лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо иқдоми соҳибкорону мутахассисони ватанӣ дар соҳаи саноат татбиқ карда мешаванд.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Саноати Ашт» дар асоси нақшаҳои тиҷоратӣ-истеҳсолӣ чор корхонаю коргоҳҳои нав бунёд менамояд.

Дар корхонаи ресандагӣ коргоҳҳои бофандагӣ ва рангубори матоъ таъсис дода мешаванд, ки бо ин чараёни пурраи коркарди нахи пахта дар ширкати «Саноати Ашт» ба вуҷуд оварда мешавад ва ин саҳмгузорӣ дар татбиқи сиёсати иқтисодии Ҳукумати кишвар оид ба афзун намудани ҳаҷми коркарди нахи пахта дар дохили кишвар ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ аз нахи пахта мебошад.

Татбиқи ду лоиҳаи дигар - бунёди



заводи истеҳсоли асфалт ва коргоҳи истеҳсоли қуттиҳои пластикӣ имконият медиҳад, ки дар ноҳияи Ашт самти нави саноат таъсис дода шуда, талаботи иқтисодиёти ноҳия бо маҳсулоти ин коргоҳҳо таъмин гардад. Зеро дар ноҳияи Ашт истеҳсоли асфалти гарм алҳол мавҷуд нест ва талабот ба қуттиҳои пластикӣ барои меваҳои тару тоза ва хушконида зиёд мебошад.

Дар ноҳияи Ашт масоҳати боғҳо то ба 18 ҳазор гектар расида, меваи боғоти ноҳия, хусусан зардолуи тару тоза ва хушконида аз иқтидорҳои калони содиротӣ мебошад.

Аз ҷониби ширкати «Шарбати Ашт» лоиҳаи бунёди корхонаи бастубанд ва коркарди зардолу бо иқтидори истеҳсолии 1000 литр афшураи зардолу дар як соат, бастубанди 20 тонна зардолуи тару тоза дар як баст ва 10 тонна меваи хушконида дар як баст муаррифӣ карда шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаҳои иншооти корхонаю коргоҳҳои саноатӣ шинос шуда, иқдоми соҳибкорони ватаниро арзанда арзёбӣ намуданд.

Таъкид шуд, ки иқдоми Ҳукумати кишвар оид ба эълони ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар аз ҷониби соҳибкорону сармоягузорони ватанӣ дастгирии комил ёфтааст ва дар татбиқи ҳадафҳои рушди иқтисодиёти Тоҷикистони соҳибистиқлол маҳз соҳибкорони ватандӯст саҳму ҳиссаи калон доранд.

Ба сохтмони панҷ корхонаю коргоҳ соли 2025 оғоз бахшида мешавад ва ин лоиҳаҳо давоми солҳои 2025-2027 татбиқ карда хоҳанд шуд, ки саҳми арзандаи соҳибкорону сармоягузорон маҳсуб меёбад. Барои татбиқи ин лоиҳаҳо беш аз 100 млн. сомонӣ сармояи дохилии соҳибкорони ватанӣ равона хоҳад шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки иқдомҳои соҳибкорон оид ба татбиқи лоиҳаҳои бунёди корхонаю коргоҳҳои саноатӣ ба рушду пешрафти минбаъдаи ноҳияи Ашт заминаи воқеӣ хоҳанд гузошт.

**8-уми сентябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷмааи корхонаҳои истеҳсолии ширкати «Саноати Ашт» корхонаҳои дӯзандагию ҷӯроббофӣ ва коргоҳи пойафзолдӯзиро мавриди истифода қарор доданд.**

Соҳибкорони ватанӣ ва мутахассисони ширкати «Саноати Ашт» дар деҳаи Гулшан корхонаҳои дӯзандагию ҷӯроббофӣ ва коргоҳи пойафзолдӯзиро таъсису бунёд намудаанд, ки ин се корхонаю коргоҳи истеҳсолӣ якҷоя бо корхонаи ресандагӣ замина ба маҷмааи саноатии рушдёбанда мебошад. Ин иқдом дар рушди саноат дар деҳот саҳми арзанда ба муносибати эълони солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» арзёбӣ гардид.

Иттилоъ дода шуд, ки корхонаи дӯзандагӣ бо вориду васлу насби 33 дастгоҳи муосир таъсис ёфтааст. Дар корхона барои 35 нафар зану духтари маҳаллӣ ҷойҳои корӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар корхона як қатор маҳсулоти дӯзандагӣ, чун либосҳои занона, мактабӣ, махсуси корӣ ва ҳамчунин, либосҳои варзишӣ дӯхта мешаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ аз корхонаи дӯзандагӣ бо коргарон суҳбат карда, ба масъулону мутахассисони корхона супориш доданд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ зиёд ва аз ҳисоби даромаднокӣ маоши коргарон баланд бардошта шавад.

Занону духтарони корхона ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои фароҳам овардани чунин шароит ва ғамхорӣ нисбати онҳо изҳори сипосу қаноатмандӣ намуданд.

Корхонаи ҷӯроббофӣ нахустин дар минтақа буда, бо вориду насби 100 адад дастгоҳ таъсис дода шудааст. Кори дастгоҳҳо ба таври автоматӣ сурат гирифта, маҳсулнокии баланд доранд. Дар 100 дастгоҳ дар як шабонарӯз дар ду басти корӣ 20 ҳазор ҷуфт ҷӯроб истеҳсол мегардад. Ҳаҷми истеҳсоли солонаи ҷӯроб дар корхонаи навтаъсиси Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Саноати Ашт» беш аз 6 миллион ҷуфтро ташкил медиҳад. Барои ҷӯроббофӣ чор навъи ришта дар чор ранг ҳамчун асос истифода шуда, гулҳои ҷӯробҳо аз шаш ранги ришта истеҳсол мегарданд. Истеҳсоли ҷӯробҳо аз 5 марҳилаи технологӣ – ҷӯроббофӣ, нӯкчадӯзӣ, дарзмол, тамғагузорӣ ва бандубаст иборат мебошад. Ҷӯробҳо мутобиқ ба стандарту сифат бо тамғаи молии «Саноати Ашт», истеҳсоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба харидорон пешниҳод мегардад.

Дар истеҳсоли ҷӯробҳо дар як баст 50 нафар бо кори баландмузд таъмин гардидаанд ва коргарон аксар занону духтарони маҳаллӣ мебошанд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо корхонаи тозабунёд, суҳбат бо соҳибкорону мутахассисон ва коргарон дастур доданд, ки ба сифату стандарти маҳсулот диққати хоса дода, минбаъд ҳаҷми истеҳсолро зиёд намоянд. Зеро талабот ба ин маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ зиёд буда, таъмини эҳтиёҷоти аҳолии кишвар бо маҳсулоти ватанӣ аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи саноат дар кишвар маҳсуб меёбад.

Бо таъсису фаъолияти коргоҳи пойафзолдӯзӣ ширкати «Саноати Ашт» дар таъмини талаботи аҳолӣ бо пойафзоли истеҳсоли худӣ саҳмгузорӣ менамояд.

Коргоҳ бо вориду насби маҷмӯи дастгоҳҳои пойафзолдӯзӣ, чун дастгоҳҳои дӯзандагӣ, қолабгирӣ ва коркарди пойафзол, бурандагӣ ва суфтакунӣ фаъолият менамояд.

Бо кӯшиши соҳибкорону мутахассисони ширкат ба коргоҳ дастгоҳи сохти нави дизайну гулпартоӣ ба пойафзол ворид карда шудааст, ки муосир буда, дар ороиши пойафзолу иҷрои амалҳои истеҳсолӣ корҳоро пурмаҳсул, хушсифат ва мутобиқи мӯду дӯхти муосир ба таври автоматӣ анҷом медиҳад.

Ашёи хоми асосӣ ба пойафзол - чарми табиӣ ва дигар ашёи хом, чун ширеш, тагбанд, патак ва амсоли ин дар асоси шартномаҳои ҳамкорӣ аз корхонаҳои соҳавии ватанӣ ва хориҷӣ ворид карда мешаванд.

Мутахассисони коргоҳ дар асоси таҷрибаи корӣ ва аз худ кардани технологияи муосир номгӯй, навъу намуди пойафзолро дар мӯду дӯхтҳои гуногун истеҳсол менамоянд.

Тибқи нақшаи ширкати «Саноати Ашт», бо мақсади рушди саноат дар минтақа дар баробари таъсиси силсилаи корхонаҳои саноатӣ бо афзоиши ҳаҷми коркарди солонаи нахи пахта, ба иқтидори пурра расонидани фаъолияти минбаъда дар коркарди нахи пахта ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нимтайёру ниҳоӣ меафзояд, шумораи ҷойҳои корӣ зиёд карда мешавад.

Корхонаю коргоҳҳои Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Саноати Ашт» дар рушди саноат, таъсису афзун намудани ҷойҳои корӣ дар деҳот нақши муҳим доранд. Бо татбиқи лоиҳаҳо иҷрои нақшаҳои тиҷоратӣ-истеҳсолӣ дар маҷмааҳои истеҳсолии ширкат ҷойҳои корӣ ва даромаднокии аҳолӣ зиёд мегардад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саҳни маҷмааи истеҳсолӣ аз намоишгоҳи маҳсулоти корхонаю коргоҳҳои Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Саноати Ашт» ва корхонаҳои коркарду саноатии ноҳия дидан намуданд.

Дар намоишгоҳ маҳсулоти корхонаю коргоҳҳои навтаъсис - корхонаҳои ресандагӣ, дӯзандагӣ, ҷӯроббофӣ ва пойафзол, аз қабили риштаҳои навъҳои гуногун, маҳсулоти дӯзандагӣ, либосҳои мактабӣ, либосҳои махсуси корӣ, номгӯю мӯдҳои мухталифи пойафзол, ҳама намуди ҷӯробҳое, ки бо тамғаи молии «Саноати Ашт» истеҳсол карда мешаванд, муаррифӣ гардиданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо маҳсулоти корхонаю коргоҳҳои ноҳияи Ашт таъкид доштанд, ки яке аз ҳадафҳои рушди саноати миллӣ афзун намудани ҳаҷму номгӯи маҳсулоти ватанӣ ва таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ мебошад.

Сифату стандарт ва таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ имкон медиҳад, ки пеш аз ҳама, бозори дохилӣ бо маҳсулоти саноатии ивазкунандаи воридот таъмин карда шавад ва иқтидори содиротӣ баланд гардад.

**8-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ашти вилояти Суғд бо роҳбарону фаъолони вилоят мулоқот намуданд.**

Дар оғоз Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирокдорони вохӯриро бо фарорасии Ҷашни Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният гуфтанд.

Президенти кишвар зимни суханронӣ натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Аштро таҳлилу баррасӣ намуда, барои иҷрои корҳои созандагӣ ҷиҳати истиқболи сазовори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи ҳадафҳои бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Таъкид гардид, ки дар давоми се соли охир дар ноҳияи Ашт 850 иншоот ба маблағи умумии зиёда аз 160 миллион сомонӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Пешвои миллат саҳми мардум, аз ҷумла соҳибкорони ватандӯсти Аштро дар самти дастгирии сиёсати созандаи Ҳукумати кишвар махсус таъкид намуда, иброз доштанд, ки танҳо дар панҷ соли охир аз ҷониби соҳибкорон дар ноҳия 20 корхонаи нави саноатӣ мавриди истифода қарор дода шуда, дар онҳо зиёда аз ҳазор нафар сокинони ноҳия бо кор таъмин гардиданд ва шароити зиндагиашонро беҳтар намуданд. Ба таҷрибаи намунавии деҳқонони ноҳияи Ашт дар истифодаи заминҳои шӯр ва бунёди боғҳои хуч баҳои баланд дода шуд.

Зикр гардид, ки ба фаъолият оғоз кардани корхонаҳои бунёдгардида боиси ба шуғли пурмаҳсул фаро гирифтани занону бонувони ин ноҳияи дурдасти кишвар мегардад.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# ТАШРИФИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА СУҒД

**(Идома аз саҳ. 2)**

Бо зикри нишондиҳандаҳои ибратбахши рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Ашт ва иқдомҳои созандаи соҳибкорони пешқадами он Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамаи нафарони дар ин корҳо саҳми намоён гузошта, самимона изҳори сипос намуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба вазъи соҳаи саноат, ки рушди он яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар ба шумор меравад, андешаронӣ карда, иброз доштанд, ки дар ҳафт моҳи соли ҷорӣ дар ҳудуди вилояти Суғд беш аз 100 корхонаи нави саноатӣ ба истифода дода шудааст, ки аксари онҳо ба саноати коркард рост меоянд.

Ба андешаи Президенти кишвар дар самти расидан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар ва таъмин намудани шуғли пурмаҳсул дар вилоят имконияту захираҳои истифоданашуда ҳоло ҳам хеле зиёд мебошад.

Баъди таҳлили вазъи соҳаи саноат ва кишоварзӣ Сарвари давлат ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳои кишвар, вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ ва дигар вазорату идораҳои марбута супориш доданд, ки ҷиҳати рушди соҳаҳо, аз ҷумла баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ тамоми тадбирҳои заруриро андешанд.

Ба назардошти вазъи мураккабу хассоси ҷомеаи ҷаҳон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулинро барои истифодаи самараноки обу замин ва бо ҳар роҳу восита таъмин кардани амнияти озуқаворӣ дар кишвар вазифадор намуданд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, вазъи барқарорсозии шабакаҳои обрасонӣ, нигоҳдории роҳҳо ва рушди бахши энергетикаро таҳлилу баррасӣ намуда, барои рушди ин соҳаҳо дар назди роҳбарияти шаҳру ноҳияҳо, вилоят ва вазорату идораҳои марбута дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Роҳбарону масъулини вилоят аз Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш гирифтанд, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва бо ҷалби васеи сохторҳои маориф, кор бо ҷавонон, занон, падару модарон ва фаъолони ҷамоати шаҳраку деҳот ҷиҳати пешгирӣ кардани ҷинояткорӣ, бахусус, дар байни наврасону ҷавонон мунтазам чораҳо андешанд.

Дар фарҷоми суханронӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар иштирокдорони мулоқотро бо 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шодбош гуфта, бо итминон иброз доштанд, ки мардуми меҳнатқарини шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд минбаъд низ барои татбиқи ҳадафҳои созанда ҷаҳду талоши арзанда менамоянд.

Баъд аз суханронии Президенти кишвар сокинони ноҳияи Ашт – Фирӯза Мираҳмадова – омӯзгор, Зайналобиддин Мақсудҷонов – соҳибкор, Зафар Аҳмад – собиқадори соҳаи варзиш ва Муҳаммад Халилов – собиқадори соҳаи маориф сухан гуфтанд.

**9-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хуҷанд ду корхонаи нави саноатӣ – ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди «Ситораи тоҷ» ва «Лидер»-ро, ки ҳар ду дар як бино ҷойгир аст, мавриди истифода қарор доданд.**

Корхонаҳои дӯзандагӣ бо мақсади расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар бунёд шуда, дар он 900 нафар дар ду баст ба кор таъмин гардидаанд.

Дар ин ҷо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст бо фаъолияти корхонаи тозабунёди «Ситораи тоҷ» шинос шуданд. Дар корхонаи мазкур барои дӯхти сарулибоси махсус ва ягонаи корӣ 360 мошинаи дӯзандагӣ ворид ва насб карда шуда, дар он 350 зану духтари хонашин дар як баст пас аз омӯзиши нозукиҳои ин ҳунар соҳиби кор шуданд.

Корхонаи «Ситораи тоҷ» бо ҷалби сармояи хориҷӣ бо сифати баланду ҷавобгӯи талаботи меъморӣ сохта шуда, дар як сол имкон дорад то 120 ҳазор маҷмӯъ сарулибоси махсус ва ягонаи корӣ ва зиёда аз 1 миллион сарулибоси трикотажиро дар асоси дархост омода намояд.

Дар коргоҳҳои бурандагӣ ва дӯзандагӣ маҳсулоти тайёр бо истифода аз матоъҳои хушсифати ватанию хориҷӣ то сатҳи ниҳоӣ омода шуда, бо шаклу тарҳи муосир ба харидорон дастрас мегардад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъд аз шиносоӣ бо раванди истеҳсолот иқдоми сармоягузорро намунаи хуби ҳамкорӣ бо сармоягузорони хориҷӣ дар соҳаи саноат арзёбӣ карданд. Таъкид гардид, ки бо шарофати дастгирии давлатии соҳибкорӣ хурду миёна намояндагони бахши хусусӣ метавонанд минбаъд низ чунин корхонаҳои муосирро бунёд ва маҳсулоти ивазкунандаи воридотро дучанд гардонанд.

Муассиси корхона нақша дорад, ки дар оянда вобаста ба талаботи маҳсулот шумораи ҷойҳои кориро ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро ду-се баробар зиёд намояд.

Сарвари давлат дар ин ҷо ҳамзамон бо фаъолияти корхонаи дигари тозабунёд - Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Лидер», ки дар шафати корхонаи «Ситораи тоҷ» ҷойгир аст, шинос шуданд.

Корхонаи мазкур дар асоси талаботи стандартҳои байналмилалӣ истеҳсоли шимҳои маъруфи ҷинсро бо бренди «Ҷадид» (JADID) ба роҳ мондааст, ки 99 фоизи таркиби матои он аз пахта аст.

Азбаски шимҳои ҷинс ва дигар либосҳои пахтагӣ дар ҷаҳон харидорони зиёд доранд, соҳибкорони ватанӣ талош доранд, ки бо бунёди корхонаҳои нав ва ворид кардани технологияи муосир маҳсулоти ватаниро бо тамғаи «Мейд ин Таҷикистан» (Made in Tajikistan) дар хориҷи кишвар бештар муаррифӣ намоянд.

Дар ин корхонаи навтаъсис зану духтарон, ки 200 нафарро дар ду баст ташкил медиҳанд, ба пора кардани матои навъи «Деним» ва дӯхти он машғуланд ва маоши хуб мегиранд. Коргарону мутахассисони корхонаи дӯзандагии «Лидер» ашёи хомро аз корхонаҳои ватанию хориҷӣ дастрас карда, бо истифода аз дастгоҳу таҷҳизоти замонавӣ имкон доранд, ки дар як рӯз то 800 дона шим омода намоянд.

Сарвари давлат ба иқдоми соҳибкорони ватанӣ ва сифати маҳсулоти истеҳсолгардида, ки пурра ба содирот нигаронида шудааст, баҳои баланд доданд. Дар оянда бо зиёд шудани талабот ба ин намуди маҳсулоти истеҳсоли Тоҷикистон муассисони корхона азм доранд, ки истеҳсолро дар заминаи қувваи кории мавҷуда қариб як баробари дигар зиёд намоянд.

Бо истифода аз 70 мошинаи дӯзандагӣ коргарон ҳамарӯза маҳсулоти баландсифат омода ва дар асоси талабот ба хориҷи кишвар содир менамоянд. Барои таъмини фаъолияти доимӣ ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, ҳамзамон дар боми бино панелҳои офтобӣ насб гардидааст, ки дастгоҳҳои дӯзандагӣ аз онҳо неруи барқ мегиранд.

Саноати сабук дар баробари дигар бахшҳои соҳаи саноат яке аз самтҳои афзалиятнок дар ҷодаи таъмини занону бонувон бо ҷойи кор ба шумор меравад ва минбаъд низ дар доираи стратегия ва амалисозии ҳадафҳои «Солҳои рушди саноат» бунёду ба истифода додани чунин корхонаҳои муосир дар шаҳри Хуҷанд ба нақша гирифта шудааст.





**9-уми сентябри соли равон Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хуҷанд ба фаъолияти ҶДММ Корхонаи инноватсионии «САМО» оғоз бахшиданд.**

Самти асосии фаъолияти корхона истеҳсоли дастгоҳу таҷҳизоти гуногуни барқӣ буда, дар доираи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Абдуманон Тошхӯҷаев бунёд шудааст.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар корхона дастгоҳу технологияи муосир, ки тавлиди кишварҳои рушдёфта мебошанд, насб шудааст.

Дар ин иншооти нави саноатӣ дар шаҳри Хуҷанд зиёда аз 60 сокини маҳаллӣ бо кор таъмин гардиданд, ки маоши онҳо аз 2 то 10 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дар корхона наздик ба 60 номгӯи таҷҳизоти барқӣ, аз ҷумла лампаҳои каммасрафи диодӣ, прожекторҳои диодӣ, сутунпояҳо, таҷҳизоти таъминкунандаи қувваи муайяни барқ, камераҳо назоратӣ, радио бо дизайни миллӣ ва дигар намуди маҳсулоти ивазкунандаи воридот истеҳсол мешавад. Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол 10 ҳазор дона таҷҳизоти гуногуни барқӣ буда, фаъолият бо риоя аз талаботи стандартҳои байналмилалӣ сурат мегирад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми соҳибкорро дар амалӣ намудани яке аз ҳадафҳои стратегии давлат - саноатикунонии босуръати кишвар намунаи ибрат гуфтанд ва масъулинро барои васеъ намудани доираи фаъолият, таъмини сифати хуби истеҳсолот ва ба ин васила коҳиш додани воридоти таҷҳизоти барқӣ дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

Дар саҳни иншоот намунаи маҳсулоти корхона ба намоиш гузошта шуд. Солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар ба рушди саноат таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, корхонаҳои саноатии зиёд мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудаанд.

**9-уми сентябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз ифтитоҳи як қатор иншоот дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, ки бо ҳадафи боло бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон бунёд шудаанд, дар маҳаллаи Пахтакори шаҳри Хуҷанд маркази савдо ва хизматрасонии «Амид»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Иншоот дар доираи корҳои ободонӣ ба истиқболи шоиста аз 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкори ватанӣ, роҳбари ширкати ватании «Амид» Саидамон Исомаддинов сохта шудааст.

Зимни шиносоӣ бо шароит ва сатҳи хизматрасонӣ дар иншооти тозабунёд ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки ифтитоҳи маркази нави савдо ва хизматрасонии «Амид» ба таъсиси 40 ҷойи кории нав замина фароҳам овард. Аз шумораи умумии сокинони бо кор таъминшуда 30 нафарро бонувон ташкил медиҳанд.

Тарҳи иншоот замонавӣ буда, дар он маркази фурӯши маҳсулоти гуногун, аз ҷумла хӯроквори, лавозимоти рӯзгор, коргоҳи пухтани хӯрокҳои миллӣ, нонвойхонаи миллӣ ва аврупоӣ, маҳсулоти ширӣ, хӯришҳо, қаҳвахона, нуқтаи фурӯши маҳсулоти қаннодӣ ва дорухона, мавҷуд мебошад.

Бунёди иншооти нав имкон медиҳад, ки сатҳи хизматрасонӣ ба сокинон ва меҳмонони шаҳри Хуҷанд боз ҳам беҳтар гардад. Соҳибкор ният дорад, ки дарояндаи наздик корро дар ду баст ба роҳ монад ва 20 нафари дигарро бо кор таъмин намояд.

Молу маҳсулоте, ки дар маркази савдо ва хизматрасонии «Амид» ба фурӯш гузошта мешавад, аксаран истеҳсоли ватанӣ буда, дорои сифати баланд ва аз лиҳози экологӣ тоза мебошанд.

Бунёди анборҳои махсус тарзи дуруст ва дар шароити хуб нигоҳдории маҳсулотро таъмин намуда, имкони дар ҳама вақт дастрасӣ доштани сокинон ба маҳсулоти тозаву баландсифатро фароҳам меорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди шиносоӣ бо фаъолият ва имконияти маркази савдо ва хизматрасонии «Амид» иқдоми соҳибкорро дар самти фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, вусъати корҳои ободонӣ ва рушди соҳа шоистаи таҳсин гуфтанд.

Ёдовар мешавем, ки ин ҳаштумин маркази савдо ва хизматрасонии «Амид» дар шаҳри Хуҷанд мебошад. Дар маҷмӯъ, дар ҳашт маркази савдо ва хизматрасонии «Амид» наздики 300 нафар бо шуғл таъмин шуда, аз ин 150 нафарро бонувон ташкил медиҳанд.

**9-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба вилояти Суғд дар маҳаллаи Темурмалики шаҳри Хуҷанд ба фаъолияти коргоҳи нави истеҳсоли гӯшти мурғ ва ҳасиби ширкати «Сайҳун» оғоз бахшида, аз шароити кор ва имконияти коргоҳ боздид карданд.**

Коргоҳи истеҳсоли гӯшти мурғ ва ҳасиби шаҳри Хуҷанд аз ҷониби роҳбари ширкати «Сайҳун», соҳибкори ватандӯст Салимҷон Ҷӯраев ба истиқболи Ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардидааст.

Корҳои сохтмонӣ барои бунёди коргоҳи истеҳсоли гӯшти мурғ ва ҳасиби шаҳри Хуҷанд аз 1 августи соли 2023 оғоз гардида, ба ҷалби зиёда аз 20 мутахассиси маҳаллӣ ва бо истифода аз маҳсулоти хушсифати ватанӣ дар 1 га замин бо сифати баланд ба итмом расиданд.

Ширкати «Сайҳун» дорои фермаи парандапаварӣ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров буда, дар он 5 сех, ки ҳар кадом барои нигоҳубини 15 ҳазор сар чӯҷа пешбинӣ шудааст, фаъолият мекунад.

Зимни муаррифии имконияти коргоҳи мазкур ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки иқтидори коргоҳ дар як сол имкон дорад то 420 тонна гӯшти мурғро коркард намояд. Барои пешбурди кори босифат дар коргоҳ аз рӯйи лоиҳа 50 сокини маҳаллӣ ба кор ҷалб шудаанд, ки музди маоши моҳона барои як нафар 1800 сомонӣ муайян гардидааст.

Дар корхона барои парвариш ва нигоҳубини чӯҷаҳо дар сехҳо таҷҳизоти муосири соҳавӣ насб шудааст. Тибқи маълумот, барои бунёди коргоҳи истеҳсоли гӯшти мурғ ва ҳасиби шаҳри Хуҷанд 1,5 млн. сомонӣ ва барои харидории таҷҳизот аз кишварҳои пешрафтаи дунё 286 ҳазору 259 сомонӣ сарф шудааст.

Дар саҳни коргоҳи навбунёд навъҳои маҳсулоти истеҳсоли ширкати «Сайҳун» ва коргоҳҳои дигари вилоят, аз ҷумла «Мурғи аълосифат»-и шаҳри Гулистон, «Чӯҷаи Байзо», «Амина К», фабрикаи парандапарварии «Назар Н»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва «Зарнисор Н»-и ноҳияи Зафаробод намоиш дода шуда, маҳсулоти бастубандшудаи коргоҳҳо муаррифӣ карда шуд.

Тибқи маълумот дар вилояти Суғд, зиёда аз 60 фабрикаи парвариши парандаи гӯштӣ фаъолият мекунад. Омор нишон медиҳад, ки дар ҳашт моҳи сипаригардида аз тарафи ин ширкатҳо 4020 тонна гӯшти паранда истеҳсол шудааст.

Аз рӯи маълумоти КВД «Саноати парандапарварии Тоҷикистон», айни замон дар вилоят 145 корхонаи парандапарварӣ фаъолият намуда истодааст, ки нисбат ба соли гузашта 15 адад зиёд мебошад. Аз ин шумора 98 адад корхона ба истеҳсоли тухм, 47 адад корхона ба истеҳсоли гӯшти паранда, 5 корхона ба истеҳсоли тухму гӯшти паранда ва 2 адад корхона ба истеҳсоли тухми инкубатсионӣ, чӯҷаи якрӯза ва тухми истеҳсолӣ машғул мебошанд.

Қобили зикр аст, ки соҳибкорони ватанӣ аз дастгириву имконияти фароҳамовардаи давлат барои рушди соҳибкорӣ дар кишвар ҳавасманд гардида, бо бунёди иншооти таъиноти гуногун дар ободиву пешрафти Ватани азиз - Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми арзишманд мегузоранд.

**9-уми сентябри соли 2024 дар доираи сафари корӣ ба вилояти Суғд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи Темурмалики шаҳри Хуҷанд ба фаъолияти корхонаи дӯзандагии Тоҷикистону Корея - Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ориён Чей Текстайл» шинос шуда, барои бунёди марҳилаи дуюми корхона санги асос гузоштанд.**

Корхонаи дӯзандагии «Ориён Чей Текстайл» дар масоҳати 8 ҳазору 906 метри мураббаъ бо харҷи 1 миллион доллари амрикоӣ дар доираи татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар бунёд гардида, яке аз калонтарин корхонаҳои саноати дӯзандагии вилояти Суғд ба ҳисоб меравад.

Дар рафти корҳои сохтмонӣ дар марҳилаи аввал зиёда аз 100 мутахассиси маҳаллӣ бо кор ва маоши хуб таъмин гардидаанд. Дар сохтмони корхона аз маҳсулоти хушсифати ватанию хориҷӣ истифода шудааст.

Дар корхона истеҳсоли шиму костюм, шимҳои ҷинс, либосҳои ҳарбӣ ва дигар навъҳои маҳсулоти дӯзандагӣ бо тарҳу услуби муосир ба роҳ монда шудааст. Корхона бо дастгоҳу таҷҳизоти муосири саноати дӯзандагӣ, аз ҷумла мошинаҳои дарздӯзӣ, гулзанӣ, техникаи буранда, технологияҳои компютерӣ, таҷҳизоти дарзмол муҷаҳҳаз гардидааст.

Бо истифода аз чунин таҷҳизоти замонавӣ истеҳсоли маҳсулоти баландсифат кафолат дода мешавад. Ин аст, ки маҳсулоти корхона харидорони зиёд дорад ва бо якчанд ширкатҳои хориҷӣ ҳамкории доимӣ менамояд.

Зимни муаррифии маҳсулоти корхона ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки ҳоло дар корхона 500 мутахассиси маҳаллӣ фаъолият намуда, бо маоши аз 1500 сомонӣ боло, нақлиёти махсуси хизматрасонӣ ва як вақт хӯрок таъмин мебошанд.

Марҳилаи дуюми корхонаи дӯзандагии Тоҷикистону Корея дар масоҳати 8 906 метри мураббаъ бо харҷи 5 миллион доллари амрикоӣ дар назар аст, бунёд карда шавад. Дар корҳои сохтмонӣ 100 мутахассиси маҳаллӣ ба кор ҷалб мешаванд. Пас аз анҷоми марҳилаи дуюми корхона барои боз 350 сокини маҳалӣ ҷойи корӣ муҳайё мегардад.

Марҳилаи дуюми корхона ба истиқболи сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд мегардад.

Фароҳам овардани шароити зиндагии арзандаи мардум дар меҳвари сиёсати иҷтимоии Ҳукумати кишвар қарор дошта, ҷиҳати расидан ба ин ҳадафи наҷиб тадбирҳои муҳиму саривақтӣ андешида ва ташаббусҳои созанда рӯйи даст гирифта мешаванд.

Бунёди корхонаҳои саноатӣ, ғанӣ гардонидани бозорҳои кишвар бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва бо маоши хуб таъмин намудани аҳолӣ аз зумраи ҳамин тадбирҳои судманд маҳсуб мешаванд

**9-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хуҷанд бинои нави шуъбаи тиббии раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғдро мавриди истифода қарор дода, бо шароити хизматрасонии муосири дар он муҳайёгардида шинос шуданд.**

Бинои нави шуъбаи тиббии раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд аз 4 ошёна ва таҳхона иборат буда, масоҳати умумии он дар якҷоягӣ бо саҳни ҳавлӣ 8250 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Дар умум, дар бинои нави шуъбаи тиббӣ 28 ҳуҷраи корӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо барои 20 корманди тиб шароити мусоиди корӣ фароҳам аст. Зимни боздид аз имкониятҳои ин муассисаи тиббӣ ба Пешвои миллат иттилоъ дода шуд, ки дар ошёнаҳои дуюм ва сеюми шуъба 18 ҳуҷраи табобатӣ бо 46 кати хоб мавҷуд буда, дар як вақт 46 нафар метавонанд ба табобати статсионарӣ фаро гирифта шаванд.

Дар таҳхонаи бино ошхона барои 20 нафар, ҳуҷраи озмоишгоҳи биохимиявӣ ва клиникӣ, ҳуҷраи акси рентгенӣ, ташхиси ултрасадо, сабти барқии дил ва ғайра мавҷуд мебошад.

Дар ошёнаи якум дармонгоҳи шуъба ҷойгир шудааст ва аз ҳуҷраҳои кории маъмурият, табибони гӯшу гулӯ ва бинӣ, пӯст, асабшинос, бемориҳои дарунӣ, ҳуҷраи қабули беморон, бақайдгирӣ, ҳуҷраи ҷарроҳӣ ва духтури дандон иборат аст. Ошёнаи чорум бошад, аз ҳуҷраҳои маҳс, физиотерапевтӣ, (ЛФК) табиатшифоӣ, муҳосибот, толори маҷлисӣ ва ҳуҷраҳои корӣ иборат аст.

Иттилоъ дода шуд, ки сохтмони бинои нави шуъбаи тиббии раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд моҳи марти соли 2023 оғоз шуда, бо маблағгузории соҳибкори ватанӣ Ҷамшед Байзоев ва аз ҷониби ширкати «Тоҷфилизсохтмон» бунёд гардидааст.

Сарвари давлат ба корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, ба кормандони шуъба тавсия доданд, то аз шароити фароҳамгардида мақсаднок истифода баранд ва барои беҳбудии саломатии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва собиқадорони соҳа талоши бештар намоянд.

Бинои пешинаи шуъбаи тиббии раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, ки аз соли 1997 дар кӯчаи Камоли Хуҷандии шаҳри Хуҷанд фаъолият мебурд, ба талаботи имрӯза мутобиқ набуд ва акнун кормандон дар бинои наву замонавӣ аз шароити муосири кору хизматрасонӣ бархӯрдор гардиданд.

Муассисаи мазкур дар асоси дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои беҳтар гардонидани вазъи беморхонаҳо ва татбиқи «Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» бунёд шуда, бо дастгоҳу таҷҳизоти зарурии тиббӣ таъмин гардидааст.

**Дар идомаи сафари корӣ ба шаҳри Хуҷанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази савдо ва хизматрасонии «Истиқлол Авеню» бо ятимони кулл аз шаҳру ноҳияҳои вилоят вохӯрӣ намуда, ба онҳо туҳфаҳои арзишманд тақдим намуданд.**

Зимни суҳбати самимӣ бо ятимон, ки аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ҷамъ омада буданд, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор намуданд, ки дар сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ғамхории пайваста ба ятимону бепарасторон, оилаҳои ниёзманд, шахсони имконияташон маҳдуд ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ин табақаҳои аҳолӣ мавқеи меҳварӣ дорад.

Ба ятимон, ки бо амри тақдир аз навозиши волидайн маҳрум мондаанд, дастархони идона ороста шуда, туҳфаҳои молию пулӣ, либоси мактабӣ, пойафзол, шириниҳо ва дигар туҳфаҳои арзишманд тақдим карда шуд.

Кӯдакон аз туҳфаҳои Сарвари раъиятпарвару инсондӯсти кишвар изҳори хушҳолӣ намуда, барои ғамхориҳои пайвастаашон ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миннатдории самимӣ баён намуданд.




**(Давомаш дар саҳ. 4)**

# ТАБРИКОТИ

## роҳбарони кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва шахсиятҳои маъруф ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**(Идома аз саҳ. 1)**

* * *



«Ба муносибати Ҷашни 33-юмин солгарди эълони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мехоҳам ба мардуми тоҷик ва шахсан ба Шумо бо табрикоту муборакбодӣ ва таманниёти сулҳу амонӣ муроҷиат намоям.

Бовар дорам, ки муносибатҳои Руминия ва Тоҷикистон минбаъд ҳам ба манфиати умумии мардумони мо рушд хоҳанд кард.

Шуморо, инчунин, итминон мебахшам, ки Руминия рушди ҳамкории Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба мақсади мусоидат ба рушди устувор, тавсеаи лоиҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн дар соҳаи коммуникатсия ва таҳкими суботи минтақавӣ комилан ҷонибдорӣ менамояд.

Хоҳишмандам, Ҷаноби Президент, изҳори ғояти эҳтироми маро қабул фармоед».

***Президенти Руминия Клаус Вернер Йоханнис***

* * *

**«Ҷаноби Олӣ,**

Ба муносибати 33-солагии Рӯзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мехоҳам аз номи Ҳукумат ва мардуми Ҷумҳурии Индонезия табрикоти самимӣ расонам.

Ин фурсат ба ман имкон медиҳад, ки рост омадани соли равонро ба 30-юмин солгарди барпошавии муносибатҳои дипломатӣ миёни Индонезия ва Тоҷикистон таъкид намоям. Дар робита ба ин, изҳори итминон менамоям, ки дӯстӣ ва ҳамкории дуҷонибаи мо минбаъд низ ба нафъи манфиатҳои мутақобилан судманди кишварҳоямон боз ҳам мустаҳкамтар гардида, идома дода хоҳанд шуд.



Худованди мутаол ба Шумо, Ҷаноби Олӣ ва мардуми Тоҷикистон саломатӣ, баракати фаровон ва шукуфоии бардавом ато намояд.

Лутфан, Ҷаноби Олӣ, изҳори эҳтироми олии маро қабул намоед».

***Президенти Ҷумҳурии Индонезия Ҷоко Видодо***

* * *

**«Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**

Дар ҳоле ки Ҷумҳурии Тоҷикистон 33-юмин солгарди Истиқлоли худро таҷлил мекунад, ифтихормандам, ки табрикоти самимии худро ба Шумо ва мардуми Тоҷикистон изҳор намоям.

Нақши роҳбарии Шумо, Ҷаноби Олӣ, дар ташаккулиояндаи умедбахш,ояндае, ки дар он ормону орзуҳои мардуми Тоҷикистон зери ваҳдату ҳамбастагӣ шукуфон аст, сарнавиштсоз мебошад.



Дар ин рӯзи фараҳбахш мехоҳам аз риштаҳои дӯстӣ ва ҳамкорие, ки ду миллатро муттаҳид месозанд, изҳори қаноатмандӣ намоям. Бигузор ин робитаҳо минбаъд ҳам ҷиҳати мусоидат ба тақвияти ҳамбастагии мардумонамон ва манфиатҳои муштараки онҳо густариш ёбанд.

Иҷозат диҳед, инчунин, ба Ҷаноби Олӣ саломатии бардавом ва ба мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон рушду шукуфоии ҳамешагӣ таманно намоям.

Лутфан, Ҷаноби Олӣ, эҳтироми олии маро қабул кунед».

***Аълоҳазрат, Султон Иброҳим, Подшоҳи Малайзия***

* * *

**«Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**

Бо истифода аз фурсат ба муносибати Рӯзи Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷаноби Олӣ табрикоти самимӣ ва орзуҳои беҳтарини худро иброз намуда, ба Шумо саломатии бардавом ва ба мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешрафту шукуфоӣ таманно дорам.



Дар давоми се даҳсолаи охир муносибатҳои дӯстонаи Таиланд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бо доштани заминаи қавии воқеӣ, махсусан дар ҳамкории иқтисодӣ тақвият ёфтаанд. Итминони комил дорам, ки бо дастгирии Ҷаноби Олӣ ва уҳдадориҳои мутақобила мо соҳаҳои гуногуни ҳамкорӣ, аз ҷумла мубодилаи тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва техникиро ба манфиати бештари кишварҳо ва халқҳоямон боз ҳам тавсеа ва амиқтар хоҳем дод».

***Подшоҳи Шоҳигарии Таиланд Маҳа Ваҷиралонгкорн Р.***

* * *

Барқияҳои табрикӣ, ҳамчунин, аз номи Генерал-губернатори Канада хонум Мэрӣ Мэй Саймон, Султони Бруней-Доруссалом Ҳассанал Балкиаҳ, Президенти Алҷазоир Абдулмаҷид Теббун, Президенти Давлати Фаластин Маҳмуд Аббос, Капитан-регентҳои (роҳбарони) Ҷумҳурии Сан-Марино Алессандро Россӣ ва Милена Гасперонӣ, Ноиби Президент-Муовини Сарвазир, Роҳбари Дастгоҳи Президенти Амороти Муттаҳидаи Араб Шайх Мансур бен Зойид оли Наҳён, Дабири кулли Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё Бакитжан Сагинтаев ворид гардиданд.

Воридшавии паём ва барқияҳои шодбошӣ ба номи Пешвои миллат идома дорад.

**www.prezident.tj**

# ТАШРИФИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА СУҒД

**(Идома аз саҳ. 3)**

Дар мулоқот Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ятимон даъват ба амал оварданд, ки бо истифода аз имконияти фароҳамшуда бо баҳои хубу аъло таҳсил намуда, соҳибилм шаванд ва бо касбу ҳунари худ фарди ватандӯсту ватандор гарданд.

Мавриди зикри хос аст, ки дар тӯли 33 соли Истиқлоли давлатӣ ятимону бепарасторон ва оилаҳои камбизоат ҳамеша зери таваҷҷуҳи Роҳбари давлат қарор доранд ва барои беҳдошти зиндагии онҳо аз тамоми имконият истифода мешавад.

**9-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд дар тантанаи идона ба ифтихори 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Нахуст, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кулли мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла сокинони сарбаланди вилояти бостонии Суғдро ба ифтихори Ҷашни муқаддасу бузурги миллӣ - Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик гуфтанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз роҳи пуршебу фарози тайкардаи мардуми кишвар давоми 33 соли соҳибистиқлолӣ ёдовар шуда, таъкид доштанд, ки «Тоҷикистон ба шарофати истиқлол аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати соҳибихтиёри демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ эътироф гардид ва ба узвияти кулли созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пазируфта шуд».

Ба андешаи Президенти кишвар, «Истиқлол барои мо иззату шарафи инсонӣ, нангу номуси миллӣ ва гузашта аз ин, бузургтарин дастовард ва муқаддастарин неъмат мебошад».

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қаноатмандӣ изҳор доштанд, ки шаҳрвандони кишвар ҳар як ҷашни милливу давлатии худ, хусусан, ҷашни истиқлолу озодии Ватани маҳбуби хешро бо заҳмати созанда ва дастовардҳои арзанда истиқбол мегиранд.

Аз ҷумла, дар вилояти Суғд тибқи нақша то Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд ва таъмиру азнавсозии 12 ҳазор иншооти истеҳсоливу иҷтимоӣ пешбинӣ гардида, ба ҳолати 1 августи соли 2024 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бунёду таҷдиди 6700 иншоот ба анҷом расонида шудааст.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд, ки дар натиҷаи роҳандозӣ гардидани раванди созандагиву ободонӣ имрӯз симои ҳамаи 18 шаҳру ноҳияи вилоят куллан дигаргун гардида, тарҳи зебову замонавӣ гирифтааст.

Таъкид карда шуд, ки умуман, тайи даврони соҳибистиқлолӣ дар доираи татбиқи зиёда аз 75 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар вилояти Суғд беш аз 13 миллиард сомонӣ аз худ карда шудааст. Ҳоло дар вилоят боз 18 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ мешавад, ки маблағи умумии дар доираи онҳо то имрӯз азхудшуда зиёда аз 2 миллиарду 200 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Дар фароварди суханронӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори бовар намуданд, ки сокинони сарбаланди вилоят бо шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ва сулҳу суботи комили Тоҷикистони маҳбубамон чун ҳарвақта софдилона заҳмат кашида, дар ободии Ватан, пешрафти давлат ва боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии ҳар як оила саҳми арзишманд мегузоранд.

Баъд аз суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тантанаи идонаро ба муносибати 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи бошукӯҳ ва рангини консертӣ идома дод.

Устодони санъат ва ҳунармандон бо таҳияи чорабинии фарҳангӣ дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии кишвар ва музаффарияти мардумро зебову дилрабо таҷассум намуданд.

**10-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Конибодом хати оби полезии шохоби дарёи Сир барои обёрии 2500 гектар замини деҳаҳои Сомониён, Кӯчкак, Файзбор, Бекобод ва Хамирҷӯйро мавриди истифода қарор доданд. Иншооти мазкур яке аз бандҳои нақшаи тарҳрезишуда ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ буда, бо мавриди истифода қарор гирифтани он мушкилоти норасоии оби полезӣ дар ин минтақа пурра бартараф гардид.**



Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки пойгоҳи обкашии «Истиқлол» аз ду хати оби полезӣ иборат буда, об аз масофаи 9200 метр аз «Баҳри тоҷик» то заминҳои кишоварзӣ интиқол меёбад.

Зимни шиносоӣ бо лоиҳаи пойгоҳи обкашии «Истиқлол» Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба корҳои сохтмонӣ ва бандубаст баҳои баланд доданд. Таъкид карда шуд, ки масъулинро мебояд корро дар самти обёрии замини корам ҷоннок карда, эҳтиёҷоти кишоварзонро хуб ба эътибор гиранд.

Тибқи иттилои раёсати кишоварзии шаҳри Конибодом, дастрасии бештар ба оби полезӣ имкон хоҳад дод, ки аз ҳисоби замини бекорхобида ва аз гардиши кишоварзӣ бозмонда, майдони замини корам васеъ карда шавад.

Хоҷагидорон ва сокинони шаҳри Конибодом барои ғамхориҳои давлат ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миннатдорӣ намуда, ваъда доданд, ки бо дарки баланди масъулиятшиносӣ фаъолият карда, барои таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти тару тоза саҳми муносиб хоҳанд гузошт.

Дар ҳамин ҷо Сарвари давлат аз намоиши маҳсулоти кишоварзӣ ва хоҷагиҳои шаҳри Конибодом боздид намуданд. Иттилоъ дода шуд, ки хоҷагидорони шаҳр, бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, имсол дар майдони 14 ҳазору 82 гектар кишти баҳорӣ гузарониданд. Кишоварзон таъкид доштанд, ки суханони Сарвари давлатро сармашқи кори худ қарор дода, барои истифодаи ҳар як ваҷаб замин талош менамоянд. Ҳамин буд, ки соли равон аҳли заҳмат бо рӯёнидани ҳосили фаровон дар баробари таъмини бозори дохила бо меваю сабзавоти тару тоза, ҳамчунин ба хориҷи кишвар маҳсулот содир намуданд.

Пешвои миллат ба аҳли заҳмат барои саҳми намоёнашон дар таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар изҳори сипос намуданд.

Мавриди зикр аст, ки шаҳри Конибодом аз минтақаҳои муҳими аграрии кишвар ба ҳисоб рафта, шуғли асосии мардум кишоварзию чорводорӣ мебошад.

**10-уми сентябри соли ҷорӣ дар идомаи сафари корӣ дар шаҳри Конибодом Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар расми мавриди баҳрабардорӣ қарор додани бинои наву замонавии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48 иштирок намуданд.**

Бинои мактаб аз ду ошёна иборат буда, дорои 16 синфхонаи муҷаҳҳази фаннӣ, аз ҷумла химия, биология, асосҳои кор бо компютер, физика, математика, забонҳои хориҷӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ, инчунин, хуҷраҳои кории омӯзгорон, китобхона ва бойгонӣ мебошад.

Зимни шиносоӣ бо шароити таълиму тарбия ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки бинои нави барои 640 хонанда дар ду баст пешбинӣ шуда, корҳои сохтмониро коргарону мутахассисони ширкатҳои ватанӣ дар асоси лоиҳа бо сатҳу сифати баланд ба анҷом расонидаанд.

Дар муассисаи таълимӣ 29 омӯзгор фаъолияти доимӣ менамоянд, ки 27 нафари онҳоро бонувон ташкил медиҳанд. Аксари мутахассисони ин даргоҳи илму маърифат омӯзгорони ҷавон мебошанд. Синфхонаҳои мактаб бо технология ва воситаҳои илмомӯзии муосир, ба монанди тахтаҳои электронӣ ва компютерҳо таъмин карда шудааст.

Дар бинои нави муассисаи таълимӣ барои машқу тамрини намудҳои гуногуни варзиш толори барҳавои варзишӣ бунёд шудааст, ки дар тарғиби тарзи ҳаёти солим миёни хонандагон ва омода намудани варзишгарони оянда нақши асосӣ хоҳад дошт.

Дар ҳавлии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48 майдончаи муосири варзиш барои футболи хурд, баскетбол ва волейбол ва барои гузаронидани дарсҳои амалии омодагии ҳарбӣ майдончаи махсуси дигар сохта шудааст.

Бинои муассисаи таълимӣ дар доираи дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо маблағгузории Ҳукумати кишвар бунёд гардида, барои мактаббачагони деҳаи Сомониёни деҳоти ба номи Раҷаб Ҳамробоев пешбинӣ шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асноӣ шиносоӣ аз хонандагони ин муассисаи таълимӣ даъват намуданд, ки дар замони пешрафти куллӣ дар ҷаҳон, аз ҷумла рушди бесобиқаи илму техника пайваста пайи омӯзиш бошанд ва дар оянда ҳамчун кадрҳои баландихтисос дар ободию тараққиёти Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми арзандаи худро гузоранд.

Ба таъкиди Пешвои миллат ҳадафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бунёди муассисаҳои муосири таълимӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар ин ба таълиму тарбияи дуруст ва ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ фаро гирифтани наврасону ҷавонон мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, ифтитоҳи мактаби нав, ки дар солгарди навбатии Истиқлоли давлатӣ рост омад, барои хонандагон туҳфаи арзишманд арзёбӣ гардид ва аз омӯзгорону роҳбарияти мактаб даъват карда шуд, ки бо истифода аз шароити хуби дар ин муассиса муҳайёгардида, ба сатҳу сифати таълиму тарбияи насли наврас таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

**10-уми сентябри соли равон дар шаҳри Конибодом Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тарабхонаи наву замонавии «Хосият», ки аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Соҳиба Исроилова бунёд гардидааст, чун оини неки инсондӯстӣ ба 80 нафар наврасони ятими шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Исфара, Ҷаббор Расулов, Деваштич, Спитамен ва Зафарободи вилояти Суғд маҷмӯи сарулибоси ягонаи мактабӣ, лавозимоти хониш, пойафзол ва маблағ тақдим намуданд.**

Зимни суҳбати самимӣ Сарвари давлат таъкид намуданд, ки Ҳукумати Тоҷикистон сарпарастии ятимонро ба ӯҳда дорад ва то ба ҳаёти мустақилона қадам ниҳодани онҳо барои таълиму тарбия ва ба камол расиданашон шароити заруриро муҳайё месозад. «Дар ҷавоб ба ин ғамхорӣ шуморо зарур аст, ки илм омӯзед, донишҳои замони муосирро аз худ намоед ва дар оянда фарзандвор ва содиқона ба Ватан ва мардуми кишвари худ хизмати шоиста намоед», - таъкид карданд Пешвои миллат.

Наврасону ҷавонони ятим бо шукргузорӣ аз Ватани ободу пешрафта изҳор доштанд, ки аз ғамхориҳои падаронаи Президенти кишвар ҳамеша бархӯрдоранд ва чунин дастгириҳо онҳоро водор месозад, ки дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ тарбият ёфта, бо касби илму донишҳои муосир мутахассисони варзида шаванд ва ба нафъи давлату мардум хизмат намоянд.

Мавриди зикр аст, ки зимни сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои кишвар Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо чунин нафарон мулоқоту суҳбат намуда, шахсан аз аҳволашон бохабар мешаванд. Ин таваҷҷуҳ ва ғамхории ҳамешагии Сарвари давлат боис гардидааст, ки кӯдакону наврасони бо амри тақдир ятиммонда ҳамеша зери ғамхорӣ қарор доранд.

**10-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ба шаҳри Конибодом бо ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар роҳи мошингарди Конибодом-Кӯчак шинос шуданд.**



Иттилоъ дода шуд, ки татбиқи лоиҳаи «Беҳтар намудани роҳҳои алоқаи минтақавӣ ва Осиёи Марказӣ, БРАМОМ-4» моҳи марти соли 2023 оғоз гардида, кор дар чор минтақаи вилояти Суғд, аз ҷумла, Куруш-Бекобод 12,3 километр, Деҳмой-Бобоҷон Ғафуров 22 километр, Бобоҷон Ғафуров-Хистеварз 6,6 километр ва Конибодом-Кӯчак 10,3 километр, дар маҷмӯъ, бо дарозии умумии 51,2 километр бомаром идома дорад.

Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти байналмилалии ин роҳ, он аз рӯйи дараҷаи техникии якум ва сеюми роҳсозӣ бунёд мешавад. Дар чор қитъаи навшавандаи роҳҳои мошингарди вилояти Суғд навсозии 11 пул бо дарозии умумии 457,3 метр низ дар назар аст.

Маблағгузори лоиҳа Ассотсиатсияи байналмилалии рушди гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ буда, фармоишгар Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Сохтмони роҳи мазкурро Ширкати «Роҳи оҳани Чин дар Тоҷикистон-УСЗУЙ» ба ӯҳда дорад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо лоиҳаи навсозӣ таъкид намуданд, ки роҳи мазкур аҳамияти хоса дошта, барои боз ҳам баланд гардидани сатҳи некуаҳволии мардум ва рушди иқтисодиёти кишвар заминаи иловагӣ мегузорад. Аз ин рӯ, зарур дониста шуд, ки ба корҳои сохтмонӣ ва истифодаи маҳсулоти босифат диққати ҷиддӣ зоҳир гардад, то роҳ мувофиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ сохта шавад ва солҳои зиёд ба мардум хизмат намояд.

Бояд ёдовар шуд, ки солҳои пеш ҳаракати ҳама гуна воситаҳои нақлиёт дар ин роҳ бо мушкилӣ сурат мегирифт. Акнун баъд аз пурра навсозӣ гардидани роҳ, мушкилиҳои чандинсолаи аҳолӣ ҳал гардида, ба ин васила инфрасохтори роҳу нақлиёт бамаротиб беҳтар карда мешавад.

Президенти кишвар зимни суҳбат ба масъулин ва роҳсозон дастур доданд, ки корҳои созандагиро бо масъулияти баланд ва сатҳу сифати хуб иҷро намуда, барои ободӣ ва рушди кишвар саҳми муносиб гузоранд.

Дар навбати худ роҳсозон ваъда доданд, ки тамоми малакаю маҳорати кории худро истифода намуда, дар бунёди роҳи мазкур, ки аҳамияти минтақавӣ дорад, талош хоҳанд кард.

**10-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар шаҳри Конибодом коргоҳи истеҳсоли пойафзоли Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Фароғат»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Коргоҳ дар масоҳати 230 метри мураббаъ бо саҳми соҳибкор Рустамзода Фирдавс бунёд шуда, баъд аз ифтитоҳ 20 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд.

Коргарон нозукиҳои кор дар дастгоҳҳои истеҳсолиро омӯхта, мустақилона ба тавлиди пойафзоли хушсифат машғул мебошанд. Оянда бо роҳандозии кор дар ду баст шумораи коргарон то ба 45 нафар расонида хоҳад шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз шароити корӣ ва раванди истеҳсолот дар коргоҳ, ба сифати маҳсулот баҳои баланд дода, ба фаъолият пардохтани ин корхонаро дар заминаи хуби рушди саноати сабук дар деҳот арзёбӣ карданд.

Дар коргоҳ 12 дастгоҳи пойафзолдӯзӣ, дастгоҳи гулпартоӣ ва дигар таҷҳизоти лозима аз дастрас ва насб гардидааст. Иқтидори истеҳсолии коргоҳ дар як моҳ 130 ҷуфт ва дар як сол 50 ҳазор ҷуфт пойафзол пешбинӣ шудааст. Пойафзоли мардона ва кӯдакона барои хонандагон, номгӯи маҳсулоти коргоҳ мебошад, ки ҳама воридотивазкунанда аст. Маҳсулоти коргоҳ хушсифат ва ба бозори дохилӣ рақобатпазир аст. Сарвари давлат соҳиби коргоҳро ба зиёд намудани ҳаҷми истеҳсол ва ҷойҳои корӣ барои аҳолии деҳот ҳидоят намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки барои таъмин намудани бозори дохилӣ бо пойафзоли чармӣ дар кишвар шароиту имконияти мусоид мавҷуд буда, соҳибкорону сармоягузорон бо истифода аз имтиёзу сабукиҳои пешниҳодкардаи Ҳукумати кишвар коргоҳу корхонаҳои нав таъсис медиҳанд. Анҷоми ин тадбир имкон медиҳад, ки воридоти пойафзол аз хориҷи кишвар коҳиш ёбад.

Баъд аз ифтитоҳи корхонаи истеҳсоли пойафзоли Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Фароғат» Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаи бунёди истироҳатгоҳи маърифатии физикӣ-математикии назди муассисаи таълимии махсуси ба номи Очилбой Ҷӯраев, ки дар партави эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» бунёд мешавад, шинос шуданд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин барои дар сатҳи баланду муосир бунёд намудани истироҳатгоҳи мазкур дастуру ҳидоятҳо доданд.

**10-уми сентябри соли 2024 дар доираи сафари корӣ ба вилояти Суғд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Конибодом муассисаи таҳсилоти томактабии №1 бо номи «Нури Робия»-ро, ки аз ҷониби соҳибкори ватандӯст, сарпарасти фонди хайриявии «Музаффар» Даврон Ҷӯраев аз нав бунёд гардидааст, мавриди истифода қарор доданд.**

Кӯдакистон соли 1936 сохта шуда, соли 1999 бинобар садамавӣ гардидан вайрон карда шуда буд. Боғчаи нави бачагона дар доираи вусъати корҳои бунёдкориву созандагӣ дар масоҳати 1500 метри мураббаъ бо харҷи 6 миллион сомонӣ мувофиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ аз нав сохта ва ҷиҳозонида шуд. Ин боғча барои фарогирӣ ба таълиму тарбияи 180 кӯдак пешбинӣ шудааст.

Бинои кӯдакистон аз ду ошёна ва таҳхона иборат буда, дар он корҳои сохтмонӣ ҳанӯз аз соли 2023 оғоз гардид ва имрӯз бо сатҳу сифати баланд ба анҷом расонида шуд. Дар рафти сохтмон наздики 30 сокини маҳаллӣ бо кор ва маоши хуб таъмин гардиданд.

Дар саҳни кӯдакистони «Нури Робия» ду айвончаи рангин ва як саҳнаи калон мавҷуд аст, ки барои солимии кӯдакон ва гузаронидани машғулият мусоид мебошад. Инчунин, барои бозӣ ва дилхушии дӯстрӯякон таҷҳизоти наву замонавӣ насб гардидааст. Айни замон шаш омӯзгор ва шаш мураббияи ботаҷриба барои таълиму тарбияи кӯдакон ба кор ҷалб шуда,12 нафари дигар ба ҳайси мушовири методӣ, ошпаз, табиб ва ғайра фаъолият мебаранд.

Мавҷудияти толори алоҳида барои гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ, толори варзишӣ, хуҷраҳои корӣ, ошхонаи замонавӣ, анбор барои нигаҳдории маҳсулот ва ҳуҷраи тиббӣ аз шароити дигари зарурӣ дар кӯдакистон мебошад. Боғча ҳамчунин дорои шабакаи мустақили гармидиҳӣ аст.

Хотиррасон бояд намуд, ки имрӯз дар шаҳри Конибодом 20 муассисаи томактабӣ фаъолият дошта, дар онҳо беш аз 1020 кӯдак дар асоси барномаҳои давлатии таълимӣ ба тарбия фаро гирифта шудаанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити фароҳамгардида дар бинои кӯдакистон ба соҳибкори ватанӣ барои ҳамдилию ҳамовозӣ бо сиёсати созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори сипос намуда, ба масъулон барои истифодаи босамар аз имконоти фароҳамшуда, бахри таълиму тарбияи кӯдакон дар рӯҳияи ватандӯстиву ифтихори миллӣ дастуру маслиҳатҳои судманд доданд.

**10-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази шаҳри Конибодом бинои муассисаи таҳсилоти томактабии №2-и «Ситора»-ро пас аз навсозӣ ифтитоҳ намуда, бо шароити он шинос шуданд.**

Муассисаи томактабӣ ба истиқболи сазовори 33-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Конибодом ва саҳми соҳибкорони маҳаллӣ бунёд гардида, барои 250 тарбиятгиранда пешбинӣ шудааст.

Дар кӯдакистон 8 гурӯҳ амал намуда, ба кӯдакон 11 мураббияи ботаҷриба бо ташкили бозиҳои ҷолибу шавқовар машғулият мегузаронанд. Дар боғчаи бачагон таълим бо забони давлатӣ, инчунин русию англисӣ ба роҳ монда шудааст.

Иттилоъ дода шуд, ки муассисаи мазкур аз соли 1959 фаъолияти худро ба роҳ монда, солҳои охир дар ҳолати садамавӣ қарор дошт. Корҳои сохтмонӣ дар бинои нав аз соли 2022 оғоз гардида, муддати ду сол бо сифати баланд ба итмом расонида шуд. Дар ҷараёни корҳои сохтмонӣ як гурӯҳ сокинони маҳаллӣ бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин гардида буданд.

Бино аз ду ошёна иборат буда, бо тарҳ ва услуби хоси меъморӣ бунёд ёфтааст. Намои биноро гулҳои рангоранг, арғунчакҳо, айвонҳо барои гузаронидани машғулият дар ҳавои тоза, инчунин, дигар таҷҳизоти барои фароғати кӯдакон пешбинишуда зебу зиннат додааст. Роҳрав ва дигар деворҳои муассиса рангину зебо ва бо қаҳрамонҳои дӯстдоштаи кӯдакон аз филмҳои машҳури тасвирӣ оро ёфтааст.

Ҳуҷраҳои барҳавои машғулият ва истироҳати тарбиятгирандагон бо рахтҳои хоб, ҷевон, мизу курсӣ ва бозичаҳои гуногун муҷаҳҳаз буда, бо завқу салиқаи баланди эстетикӣ ва мувофиқ ба дунёи рангини кӯдакон оро ёфтааст.

Дар ҳамин ҷо кӯдакон ба Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳначаи кӯтоҳи театрӣ намоиш доданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кӯдакони хуштолеъ тӯҳфаҳои арзишманд тақдим карда, бо онҳо суҳбати самимӣ доир намуданд.

Сарвари давлат зимни шиносоӣ ба шароити фароҳамшуда дар муассиса баҳои баланд дода, ба масъулин барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани таълиму тарбияи кӯдакон ва дар замири онҳо бедор сохтани ҳисси ватандӯстию хештаншиносӣ, арҷ гузоштан ба расму оини мардумӣ дастуру ҳидоятҳо доданд.

**10-уми сентябри соли равон дар идомаи сафари корӣ дар шаҳри Конибодом Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корхонаи бандубасти меваи хушки Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Неруи Канд»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Корхонаи мазкур дар доираи татбиқи «Солҳои рушди саноат» ва шарикии давлат бо бахши хусусӣ аз ҷониби соҳибкор Наврӯз Юсуфов дар масоҳати 40 садяк замин бунёд шудааст. Корҳои сохтмонӣ дар корхона моҳи декабри соли 2023 оғоз гардида, бо ҷалби 20 коргар аз сокинони маҳаллӣ дар муддати нуҳ моҳ бо сифати баланд анҷом ёфтааст.

Баробари ба фаъолият оғоз намудани корхонаи «Неруи Канд» 25 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин гардид.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки самти фаъолияти корхонаи мазкур коркард ва бандубасти зардолуи хушки бедонак буда, иқтидори истеҳсолиаш ҳазор тонна дар як сол мебошад. Маводи хом барои корхона аз хоҷагиҳои деҳқонии шаҳрҳои Конибодом, Исфара ва ноҳияи Ашт харидорӣ мешавад.

Таҷҳизоти насбгардида маҳсулотро бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ коркард ва бандубаст мекунад. Дар хати истеҳсолии корхонаи мазкур шустани меваи хушк, ба навъҳо ҷудо кардан, коркард ва ниҳоят дар қуттиҳои махсус бастабандӣ кардани он анҷом меёбад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо имконияти корхона ба сифати корҳои сохтмонӣ ва нақши он дар таъмини ҷойҳои нави корӣ баҳои баланд доданд. Дар корхона илова ба бинои он, ҳамчунин, дигар иншооти ёрирасон, аз ҷумла анбор барои нигаҳдории маҳсулоти хом ва тайёр мавҷуд аст.

Тавре зикр гардид, имтиёзҳои фароҳамгардидаву дастгириҳои давлатӣ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ соҳибкоронро барои бунёди корхонаҳои саноатӣ ва тадбирҳои созанда ҳавасманд кардааст. Дар саҳни ҳавлии корхона намунаи молу маҳсулоти ин коргоҳи саноатӣ ба намоиш гузошта шуд.

Соҳаи саноат дар рушди иқтисодиёти миллӣ нақши муассир дошта, таъсиси корхонаҳои нав, муҳайё кардани ҷойҳои корӣ, афзун намудани номгӯи маҳсулоти рақобатпазир ва содироти он ба некуаҳволии мардум мусоидат хоҳад кард.

Мавриди зикр аст, ки бо бунёди корхонаҳои саноатӣ ва истифода аз иқтидорҳои мавҷуда истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бамаротиб афзоиш ёфта, дар ин замина имконияти зиёд барои рушди минбаъдаи соҳа ба вуҷуд меояд.

**www.prezident.tj**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии дараҷаи А №0003183, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор 12 январи соли 2016 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати шаҳраки Ҳисор, кӯчаи Р. Абдуллоев ба Салимова Хадича додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи АБ №255170, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2001 ба Зокирова (собиқ Абдуқодирова) Шаҳло Рустамовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А00727076, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 28-уми декабри соли 2016 ба Ҷумъазода Наргиси Нумонҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Қурбонов Хушдил Шуҳратович (РМА 015999547) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДТО №0001084, ки онро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2004 таҳти қайди 1639 бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик ба Файзов Саидасрор Ҷалолович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Пушкин, бинои 10, хонаи 110, ба Қаюмова Саодат Абдусаломовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи силсилаи ДШ №0960137 оид ба ҳуқуқи моликият супоридани квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 28-уми августи соли 2018 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Пушкин, бинои 10, хонаи 110, ба Қаюмова Саодат Абдусаломовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи №0059393 дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 31-уми августи соли 2018 таҳти №3558 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Пушкин, бинои 10, хонаи 110 ба Қаюмова Саодат Абдусаломовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2001 ба Қаюмова Саодат Абдусаломовна додааст, эътибор надорад.

✓ Иловаи гумшуда ба дипломи аълочии силсилаи ДКА № 0000326, ки онро Коллеҷи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Буйдоқов 30-юми июни соли 2010 бо ихтисоси иқтисодиёт, ҳисоби бухгалтерӣ ва назорат (соҳавӣ) ба Қаюмова Саодат Абдусаломовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи АБ №134287, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №51-и шаҳри Ҳисор соли 2002 ба Одинаева Маҳбуба Соҳибназаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи №0652278 дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Варзоб 10-уми сентябри соли 2024 таҳти №6228 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, деҳоти Варзоб қалъа, мавзеи Оҷук ба Ҳоҷиев Далер Фаррухович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0347725, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №67-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2008 ба Илёси Ҳайдаралӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи №0477701 дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 19-уми декабри соли 2022 таҳти №79301 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Обчакорон, хонаи 271 ба Гадоев Ҳасан Солихович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДТО №0287834, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино соли 2024 таҳти қайди 262 ба Ғиёсзода Меҳробиддин Аркомуддин додааст, эътибор надорад.

Садои мардум

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

**Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**САРМУҲАРРИР**
Бахтовар КАРИМЗОДА

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 11 сентябри соли 2024, соати 16:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33085 нусха*

**Навбатдори шумора Ш. Ҳусейнзода**

**Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров**

**Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97**